ҲИФЗИ КӮДАКОНИ
ЗЕРИ ТАЪСИРИ
МУҲОҶИРАТ ҚАРОРДОШТА
ДАР ҶАНУБУ ШАРҚ, ҶАНУБ ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

EUROPEAN UNION

юнисеф
барои ҳар як кӯдак

Лоиҳа аз ҷониби ЮНИСЕФ татбиқ шуда,
аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо ва ЮНИСЕФ маблағгузорӣ мешавад

# АРЗЁБИИ ТАЪСИРИ

## ЧОРАҲОИ ВОБАСТА БА ПАНДЕМИЯИ КОВИД-19 БА ҲУҚУҚИ КӮДАКОН БА МУҲОФИЗАТ

ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПАЖӮҲИШГОҲИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ

ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК

ЮНИСЕФ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# АРЗЁБИИ ТАЪСИРИ

## ЧОРАҲОИ ВОБАСТА БА ПАНДЕМИЯИ КОВИД-19 БА ҲУҚУҚИ КӮДАКОН БА МУҲОФИЗАТ

ДУШАНБЕ 2021

## ТАҲИЯКУНАНДАГОН:

**Маҳмадбекзода М.Ш., номзади илмҳои сиёсӣ:** **ҳамоҳангсози лоиҳа**

**Маҳмадуллозода Н.Р., номзади илмҳои ҳуқуқ:** **мушовир**

**Раимдодов Ю.С., номзади илмҳои иқтисод:** **таҳлилгар**

**Рамаданова Р.:** **мутахассис**

## ГУРӮҲИ ДАСТГИРИИ ТЕХНИКӢ

**Коршинос:** Содиқов А.

**Мутахассис:** Худоёров Х.

**Тарҷумон:** Хоркашев С.

**Мусоҳибакунандагон:**

Муродов Д.
Ахмедов А.
Сафармуҳаммад П.
Раҳмонов И.
Абдуллоев Ф.
Саидов С.
Нуруллоев М.
Раимдодова З.
Асламова С.
Назаров А.
Аминзода Х.
Восиев Ф.
Хоҷаев Х.
Куканшоев М.
Шоев А.

Маблағгузор Иттиҳоди Аврупо

Ин гузориш бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо дар доираи лоиҳаи "Муҳофизати кӯдакони таҳти таъсири муҳоҷират қарордошта дар Осиёи ҷунубу шарқӣ, ҷанубӣ ва марказӣ", дар чорчӯби лоиҳаи муштараки Шабакаи аврупоии ваколатдорон оид ба ҳуқуқи кӯдак (ШАВҲК) ва ЮНИСЕФ роҷеъ ба арзёбии чандкишварии таъсири КОВИД-19: тадбирҳои кишварҳо оид ба ҳуқуқи кӯдакон ба муҳофизат, таҳия гардидааст. Муҳтавои ин гузориш танҳо фикру андешаи муаллиф(он)и он ба шумор рафта, масъулияти он пурра ба дӯши он(ҳо) гузошта мешавад ва ҳатман чашмандози Иттиҳоди Аврупоро инъикос намекунад.

# Сарсухан

Дар Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолият, ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои кӯдакон, фароҳам овардани шароит барои рушди муносиб ва таълими онҳо ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян карда шудааст. Дар ҷумҳурӣ дастгирии низоми ҳуқуқҳои кӯдакон ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ ва ҳам дар сатҳи институтсионалӣ амалӣ карда мешавад.

Тоҷикистон яке аз аввалин давлатҳои минтақа мебошад, ки Конвенсияи СММ доир ба ҳуқуқҳои кудакон, Конвенсияҳои ТБМ №182 «Дар бораи манъ ва барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кудакон», №138 “Оид ба ҳадди ақали синну сол барои ба кор қабул кардан” ва Тавсияномаи ТБМ №190 “Оид ба манъ намудан ва чораҳои зарурӣ андешидан ҷиҳати аз байн бурдани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон” ва дигар василаҳои асосии байналмилалиро эътироф намуда, марҳила ба марҳила маҷмуи амалҳоро ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳо ва рушди камолоти кудакон амалӣ менамояд.

Аз ин рӯ, бо ғамхории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои охир санадҳои меъёрии ҳуқуқие ба тасвиб расида истодаанд, ки ҷавобгӯи меъёрҳои байналмилалӣ буда, ба манфиати кӯдакону наврасон ва ояндаи миллат равона шудаанд. Мутобиқи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як кӯдак аз истисмори иқтисодӣ, аз иҷрои коре, ки ба саломатии ӯ, ба инкишофи ҷисмонӣ, ақлонӣ, маънавӣ ва ахлоқии ӯ зарар мерасонад, ё садди роҳи таҳсилоти ӯ мегардад, ҳимоя мешавад.

Табиист, ки чолишҳо ва бухронҳои ҷаҳонӣ, бахусус Пандемияи бемории COVID-19 ба сатҳи татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоии сокинони сайёра, бахусус кудакону наврасони оилаҳои камбизоат ва осебпазир таъсири манфӣ дорад. Паёмадҳои пандемияи мазкур фаротар аз буҳрони иқтисодӣ буда, ҷомеаи ҷаҳониро ба буҳрони гуманитарии саросарӣ рӯ ба рӯ кард. Он хусусияти фаромиллӣ дошта, низоми иқтисоду иҷтимоиёти ҳамаи давлатҳои дунёро халалдор намуд.

Бо назар ба ин, давлатҳо ва созмонҳои мухталифи байналмиллалӣ барои ҳимояи бештари кудакон аз таъсири он, татбиқи чораҳои гуногуни иловагиро манзур намуданд. Тибқи гузоришҳои таҳлилии пажуҳишгоҳҳо дар ин росто, кудакони оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба гуруҳи чунин кудакони осебпазир аз таъсири пандемия дониста шуданд. Зеро, пандемияи мазкур ба раванди муҳоҷирати меҳнатии байналмиллалӣ таъсири бевосита гузошт. Дар ин муддат алоқаҳои нақлиётии байнидавлатҳо маҳдуд ва бештар маврид манъ карда шуданд, ихтисоршавии ҷойҳои корӣ ва пурра ё қисман қатъ гардидани фаъолияти корхонаву муассисаҳо дар давлатҳои муҳоҷирпазир, даромади

муҳоҷирони меҳнатӣ ва интиқоли маблағҳои мухоҷиронро ба оилаҳояшон ба сатҳи назарас коҳиш дод.

Албатта, Тоҷикистон низ аз ин раванд ва чолишҳо дар канор намонд. Бо назардошти ин тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июни соли 2020 №1544 "Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои захиравии буҷети давлатӣ ва ғайрибуҷетӣ ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, шаҳрвандоне, ки нафақаи иҷтимоӣ мегиранд, маъюбон, кӯдакони ятиму бесаробон, оилаҳои камбизоат, оилаҳои бесаробонмондаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба андозаи музди меҳнати ҳадди аққал кумаки яквақта расонида шуд.

Бо мақсади арзёбии таъсири чораҳои вобаста ба пандемияи COVID-19 ба ҳуқуқҳои кӯдакон ба муҳофизат аз ҷониби Хазинаи кӯдакони Созмони милали муттаҳид дар ҳамкорӣ бо шарикон, аз ҷумла Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ таҳқиқот гузаронида шуд.

Таҳқиқоти мазкур сатҳи татбиқи таъсири чораҳои давраи буҳрони бемории COVID-19-ро ба кӯдакони таҳти таъсири муҳоҷират қарордошта ва вазъи иҷтимоии онҳо фаро гирифта, натиҷаҳои он барои такмили механизмҳои корӣ, таҳияи чорабиниҳои наву муаасир ҷиҳати дастгирии иҷтимоии оилаҳои осебпазир, аз ҷумла оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ метавонад истифода шавад.

**Маҳмадуллозода Нурулло Раҳматулло,**
**Муовини Вазири меҳнат, муҳоҷират**
**ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқ**

# МУНДАРИҶА

РӮЙХАТИ ҶАДВАЛҲО ........ 4
РӮЙХАТИ ТАСВИРҲО ........ 5
РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ ........ 6
АРЗИ СИПОС ........ 7
МУНДАРИҶАИ МУХТАСАР ........ 8
ЗАМИНА ........ 10
ВАЗИФАҲО ........ 11
МУҚАДДИМА ........ 12
МУҲИТИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ АТҲК ........ 16
МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚОТ ........ 18
Фарогирии ҷуғрофӣ ........ 20
Ҷамъоварии додаҳо ........ 22
Мулоҳизоти ахлоқӣ ........ 24
Маҳдудиятҳои методология ........ 24
ТАЪСИРИ ЧОРАҲОИ ДАВЛАТ ВОБАСТА БА ПАРДЕМИЯИ КОВИД-19 БА ҲУҚУҚИ КӮДАКОНИ ТАҲТИ ТАЪСИРИ МУҲОҶИРАТ ҚАРОРДОШТА ........ 25
НАТИҶАҲОИ ТАҲЛИЛИ ДОДАҲОИ НАЗАРСАНҶӢ ........ 28
ХУСУСИЯТҲОИ ИҶТИМОИВУ ДЕМОГРАФӢ ........ 28
МУҲИТИ ОИЛА ВА ДАРАҶАИ ҒАМХОРӢ ........ 32
ХИЗМАТРАСОНИҲОИ АСОСИИ ТИББӢ ........ 41
ТАҲСИЛОТ ........ 45
ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ҲУҚУҚӢ ........ 52
ЧОРАҲОИ МАХСУСИ МУҲОФИЗАТӢ БАР ЗИДДИ ПАНДЕМИЯ ........ 55
НАТИҶАҲОИ АСОСӢ ........ 61
ТАВСИЯҲО ........ 64
АДАБИЁТҲО ........ 66
ЗАМИМАҲО ........ 68
ЗАМИМАИ 1. САВОЛНОМА ОИД БА ТАЪСИРИ КОВИД-19 БА КӮДАКОН ВА КОРГАРОНИ МУҲОҶИР ........ 68
ЗАМИМАИ 2. САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМАРОНИҲОИ ГУРӮҲҲОИ ТАҲТИ ТАВАҶҶУҲ. 77

# РӮЙХАТИ ҶАДВАЛҲО

Ҷадвали 1: Квотаҳои интихобӣ дар шаҳру ноҳияҳо ... 21
Ҷадвали 2: Мавзеи мусоҳиба, минтақа... 22
Ҷадвали 3: Хусусиятҳои мусоҳибашудагон (падару модарон ва парасторон) аз рӯи ҷинсҳо ... 22
Ҷадвали 4: Хусусиятҳои умумии мусоҳибашавандагон... 23
Ҷадвали 5: Шумораи муҳоҷирони меҳнатие, ки аз Тоҷикистон берун мераванд ... 25
Ҷадвали 6: Шумораи муҳоҷирони меҳнати аз рӯйи ҷинс... 25
Ҷадвали 7: Синну соли кӯдакон... 31
Ҷадвали 8: Шумораи кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар гурӯҳҳои таҳти таваҷҷуҳ иштирок карданд ... 31

# РӮЙХАТИ ТАСВИРҲО

Тасвири 1: Макони мусоҳибаҳо аз рӯйи минтақаҳо ... 28
Тасвири 2: Миллат ... 29
Тасвири 3: Таркиби синну солӣ ... 29
Тасвири 4: Ҳолати оиладорӣ ... 30
Тасвири 5: Сатҳи таҳсилот ... 30
Тасвири 6: Кӯдаконе, ки дар оилаҳои хешовандон зиндагӣ мекунанд ... 32
Тасвири 7: Арзёбии вазъи молиявии оила қабл аз муҳоҷират ... 33
Тасвири 8: Тағйироти вазъи иқтисодиву иҷтимоии оила ба сабаби муҳоҷират дар давраи пандемия ... 34
Тасвири 9: Бозгашти волидони муҳоҷир ба сабаби КОВИД-19 ... 34
Тасвири 10: Интиқоли пулии гирифташуда ... 35
Тасвири 11: Мавҷудияти пасандозҳо барои пушти сар кардани КОВИД-19 ... 35
Тасвири 12: Аз даст додани ҷойҳои корӣ ба сабаби пандемия ... 36
Тасвири 13: Берун рафтани кӯдакони дар давраи пандемия ... 36
Тасвири 14: Маҳдудияти робитаи мустақими кӯдакон дар давраи пандемия ... 37
Тасвири 15: Рӯйхати масъалаҳо ва эҳтиёҷоти ҷорӣ, ки дар натиҷаи пандемия ба вуҷуд омаданд ... 38
Тасвири 16: Кумакҳои дар дарвари пандемия гирифташуда ... 39
Тасвири 17: Навъҳои кумак ... 40
Тасвири 18: Манбаи маълумот дар бораи кумаки дастрас ... 40
Тасвири 19: Боздиди намояндагони муассисаҳои тиббӣ аз оилаҳо ... 42
Тасвири 20: Аъзоёни оила, ки дар давраи пандемия бемор шуданд ... 42
Тасвири 21: Кадом аъзоёни оила бемор буданд ... 43
Тасвири 22: Муроҷиат ба муассисаҳо барои ба даст овардани ёрии тиббӣ ... 43
Тасвири 23: Сатҳи қаноатмандӣ аз хизматрасониҳои тиббӣ дар давраи пандемия ... 44
Тасвири 24: Рад кардани хизматрасонии тиббӣ ба сабаби қимат будан он ... 45
Тасвири 25. Таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи навъи онҳо ... 47
Тасвири 26: Таълими дар давраи пандемия гирифташуда ... 47
Тасвири 27: Давомнокии дур будан аз таълим ... 48
Тасвири 28: Афзоиши пули таҳсил дар мактаб ... 48
Тасвири 29: Сатҳи қаноатмандӣ аз сифати таълими кӯдакон ... 49
Тасвири 30: Сарфаи пул барои таҳсилот дар давраи пандемия ... 49
Тасвири 31: Қабул шудан ба таҳсили масофавӣ/дар хона ... 50
Тасвири 32: Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва интернет ... 51
Тасвири 33: Дарсҳои телевизионӣ, ки кӯдакон дар давраи пандемия тамошо карданд ... 52
Тасвири 34: Эҳтиёҷ ба кумаки ҳуқуқӣ ... 53
Тасвири 35: Мақомотҳое, ки ба онҳо барои дарёфти кумаки ҳуқуқӣ муроҷиат шудааст ... 53
Тасвири 36: Навъҳои дастгирии дарёфтшуда ... 54
Тасвири 37:  Сабабҳои даст кашидан аз кумаки ҳуқуқӣ ... 54
Тасвири 38: Огоҳӣ дар бораи хизматрасониҳое, ки дафтари ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак пешниҳод мекунад ... 55
Тасвири 39: Манбаи маълумот оид ба КОВИД-19 ... 56
Тасвири 40: Дастрасии ҳамарӯза ба маҳлулҳои антисептикӣ (падару модарон) ... 57
Тасвири 41: Дастрасӣ ба ниқобҳои тиббӣ ... 58
Тасвири 42: Сатҳи дилсардӣ, афсурдагӣ/ноумедӣ, ки пандемия ба вуҷуд овард ... 58
Тасвири 43: Иштироки кӯдакон дар машғулиятҳои варзишӣ ва ҷисмонӣ ... 59

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| **АТҲК** | Арзёбии таъсир ба ҳуқуқи кӯдак |
| **ББИПН** | Барномаи башардӯстонаи интиқоли пули нақд |
| **БҶ** | Бонки Ҷаҳонӣ |
| **ВМКБ** | Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон |
| **ВММША** | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ВТҲИА** | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ИА** | Иттиҳоди Аврупо |
| **ИИМ** | Иҷозатномаи истиқомати муваққатӣ |
| **ИМА** | Иёлоти Муттаҳидаи Амрико |
| **КСММҲК** | Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак |
| **МГТТ** | Муҳокимаронии гурӯҳҳои тахти таваҷҷуҳ |
| **МДМ** | Маҷмӯи даромади миллӣ |
| **ММД** | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| **НОЭК** | Нақшаи омодагӣ ва эътинои кишвар |
| **СҶТ** | Созмони ҷаҳонии тандурустӣ |
| **ТБМ** | Ташкилоти байналмилалии меҳнат |
| **ХБП** | Хазинаи байналмилалии пул |
| **ҲТ** | Ҳукумати Тоҷикистон |
| **ҶТ** | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ШАВҲК** | Шабакаи аврупоии ваколатдорон оид ба ҳуқуқи кӯдак |
| **ШНТМ** | Шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ |
| **ЮНИСЕФ** | Хазинаи кӯдакони СММ |

# АРЗИ СИПОС

Гурӯҳи кории лоиҳа ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак барои дастгириашон дар тамвоми марҳалаҳо изҳори сипос менамояд. Мо аз самими қалб ба нафароне, ки барои посух гуфтан ба саволномаҳо, иштирок дар муҳокимаронихо дар рафти назарсанҷӣ ва дар гурӯҳҳои таҳти таваҷҷуҳ ва барои табодули таҷрибаашон оид ба таъсири КОВИД-19 вақти худро дареғ надоштанд, қадрдонии худро изҳор менамоем.

Тарҳрезии умумии таҳқиқот аз ҷониби Шабакаи аврупоии ваколатдорон оид ба ҳуқуқи кӯдак (ШАВҲК) роҳнамоӣ шуда, назорат ва роҳбарии онро роҳбари лоиҳаи ЮНИСЕФ – Замира Комилова ба ӯҳда дошт. Ҷамъоварии натиҷаҳои микдорӣ ва сифатиро Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, ки роҳбарии онро Маҳмадбекзода М.Ш. ба ӯҳда дошт, анҷом додааст. Гурӯҳи таҳқиқот аз инҳо иборат буд: Маҳмадуллозода Н.Р. – мушовир, Раҳимдодов Ю.С. – таҳлилгар, Сидиқов А. – коршинос ва мусоҳибакунандагоне, ки барои ҳамин ҳуҷҷати арзёбии таъсир ба ҳуқуқи кӯдак оид ба чораҳои марбут ба КОВИД-19 ба ҳуқуқи кӯдакон дар ҷамъоварии натиҷаҳо иштирок карданд. Татяна Никитина, Руслана Сирман, Шукуфа Ибодова, Парвиз Ёқубов, Салоҳиддин Шамсиддинов, Саидаҳмад Икромов аз дафтари ЮНИСЕФ дар раванди мутобиқсозии методология, бознигарӣ ва коркарди гузориш саҳми назаррас гузоштанд. Фикру андешаҳои мушовири байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, идоракунӣ ва сиёсат – Ванесса Задлетски ва мушовири мустақил оид ба ҳуқуқи инсон – Вероник Лерч барои ҷамбасти гузориш истифода шудаанд.

Ҳамчунин, гурӯҳи корӣ ба Роҳбари лоиҳа аз дафтари намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Худоназар Оҷимамадов барои дастгирии пайвастаашон изҳори миннатдорӣ менамояд.

Гузориши мазкур дар доираи лоиҳаи ба таври муштарак маблағгузоришудаи ИА-ЮНИСЕФ “Муҳофизати кӯдакони таҳти таъсири муҳоҷират қарордошта дар Осиёи ҷанубу шарқӣ, ҷанубӣ ва марказӣ” омода карда шудааст.

# МУНДАРИҶАИ МУХТАСАР

Ин гузориш чораҳои андешаҳои Ҳукумати Тоҷикистонро роҷеъ ба паст кардани сатҳи таъсири КОВИД-19 ба оилаҳо ва кӯдаконе, ки дар зери таъсири муҳоҷират қарор доранд, арзёбӣ намуда, хулосаҳо аз сарчашмаҳо ва таҳқиқоти миқдорӣ бо иштироки 1100 нафар парасторон ва 3 муҳокимаронии гурӯҳҳои таҳти таваҷҷуҳро бо иштироки наврасони аз 15 то 18 сола, ки соли 2021 аз ҷониби гурӯҳи кории таҳқиқот гузаронида шудааст, дар бар мегирад.

Аввалин ҳолатҳои мусбати КОВИД-19 дар Тоҷикистон 30 апрели соли 2020 эълон шуданд, вале таъсири иҷтимоиву иқтисодии пандемия аллакай дар моҳҳои феврал эҳсос мешуд. Низоми тандурустӣ бинобар сабаби камбуди таҷҳизоти муҳофизатӣ ва наҷотдиҳӣ, норасоии иқтидорҳои назоратӣ ва ташхисӣ бештар таҳти таъсир қарор гирифт, новобаста аз ин кӯшиш мекард ба аҳолӣ хизматрасонии аввалияи тиббиро фароҳам орад.

Дар вокуниш ба КОВИД-19 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пшгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави короновирус (COVID-19) дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис дод. Дар Нақшаи чорабиниҳои ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ дар давраи пандемияи сирояти короновируси COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати марказӣ ба соҳаи тандурустӣ бо таваҷҷуҳ ба даҳ самти аввлавиятдошта равона гардид: ҳамоҳансозӣ дар сатҳи кишвар; назорат; нуқтаҳои воридшавӣ; таҳқиқи ҳолатҳо ва эътинои зуд; низоми миллии озмоишгоҳҳо; пешгирӣ ва назорати сироят; назорати ҳолатҳои беморӣ; чораҳои чандсоҳавӣ оид ба рафъ кардани оқибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ; идоракунии таъминоти моддиву техникӣ.

Ҳукумати Тоҷикистон барои дастгирии оилаҳои осебпазир якчанд барномаҳоро татбиқ намуд, то ки онҳо КОВИД-19-ро пушти сар кунанд. Бахусус, барои паст кардани таъсири КОВИД-19 ба оилаҳои осебпазир модели барномаи башардӯстонаи интиқоли пули нақд (hCTP) қабул карда шуд ва 69966 хонаводаи камдаромади дорои кӯдакони аз сесола поён кумаки якдафъаина дар шакли пули нақд ба даст оваранд. Новобаста аз он, ки маблағи пули нақди додашуда кам буд, вале дар шароити мазкур ба чунин оилаҳо кӯмаки саривақтӣ буд.

Илова бар ин, 3000 кудаки аз назорат дурмонда, ки бо мудохилаи ЮНИСЕФ ошкор карда шуданд, ба маблағи 35 доллари кумаки нақдӣ ба даст оварданд. Камбудии асосии ин тадбирҳо аз он иборат буд, ки ин дастгирӣ танҳо бо кӯдаконе маҳдуд мешуд, ки ба таври расмӣ дар низоми ҳифзи иҷтимоӣ ба қайд гирифта шуда буданд ва на ҳамаи шумораи назарраси кӯдакони осебпазирро дар бар мегирифт.

Натиҷаҳои таҳқиқот аз он далолат мекунанд, ки КОВИД-19 вазъи иқтисодии 42,4 фоизи оилаҳоеро, ки дар зери таъсири муҳоҷират қарор доранд, бадтар карда, 58,6 фоизи оилаҳо ҳеҷ гуна кумаке ба даст наовардананд.

Чунончӣ таҳқиқот нишон медиҳад, 88,6 фоизи оилаҳо дар давраи пандемия маблағҳои интиқолӣ ба даст оварданд, ки ба беҳ шудани вазъи иқтисодии 57,6 фоизи оилаҳои таҳти таъсири муҳоҷират қарордошта боис гашт.

Гарчанде 50 фоизи падару модарон кори худро бо сабаби КОВИД-19 аз даст доданд, ин ҳолат кӯдаконро ба кор кардан маҷбур насохт. Бо вуҷуди ин, қисми ками кӯдакон ба падару модарони худ дар парвариш кардани сабзавот ёрӣ расонданд.

Тарси сироят ёфтан 83,4 фоизи кӯдаконро аз лаззат бурдан аз ротибаи мутақобил бо ҳамтоёни худ ва муҳити васеътари зист боздошт.

Суҳбатҳо бо пурсидашудагон нишон медиҳад, ки 35,5 фоизи онҳо ҳеҷ гуна пасандоз надоштанд ва дар давраи пандемия бақои худро таъмин мекарданд ва мунтазири кумак аз ҷониби ҳукумат буданд.

Афзоиши хароҷот барои хизматрасониҳои тиббӣ бинобар пандемия 40,3 фоизи оилаҳоро аз муроҷиат кардан барои баҳрабардорӣ аз ёрии тиббии касбӣ боздошт ва кӯдаконро маҷбур сохт, ки барои ҷилавгирӣ кардан аз сироятёбӣ ба муолиҷаҳои анъанавӣ (гиёҳҳои шифобахш, сир) рӯ оваранд.

Чораҳои маҳдудкунандае, ки ҳукумат дар муассисаҳои таълимӣ эълон кард, имконият надоданд 95,3 фоизи хонандагон ба мактаб раванад, гарчанде ин чораҳо ба таҳсили онҳо таъсир нарасонданд, чунки ин маҳдудиятҳо дар давраи таътили тобистона ҷорӣ буданд.

Бо вуҷуди он, ки ҳукумат ба воситаи телевизиони давлатӣ омӯзиши фосилавиро ҷорӣ кард, 79,8 фоизи кӯдакон асосан бо сабаби дастрасӣ ва фарогирии нокофӣ бо интернет ва дигар шароитҳои зарурӣ натавонистанд ба ин дарсҳо дастрасӣ дошта бошанд.

Сатҳи ноумедӣ ва парешонӣ дар байни парасторон баланд буд, дар ҳоле ки кӯдакон аз он, ки дар хона монданд ва бо аъзои оила вақти худро сипарӣ карданд, эҳсоси мусбат доштанд, инчунин арзиши дӯстони худро дарк карданд.

# ЗАМИНА

Пандемияи нави КОВИД-19, ки дар ҳоли ҳозир ва оянда ба тамоми ҷанбаҳои зиндагии кӯдакон таъсир мерасонад, дар таърихи инсоният беназир аст. Ба дунболи ҳамкориҳои давомдор, Иттиҳоди Аврупо ва Хазинаи кӯдакони Созмони милали муттаҳид (ЮНИСЕФ) ва Шабакаи аврупоии ваколатдорон оид ба ҳуқуқи кӯдак ҷиҳати арзёбӣ кардани соҳаҳои асосии муайяншуда ва гурӯҳҳои осебпазири кӯдакон, бахусус кӯдакони таҳти таъсири муҳоҷират қарордошта, аз механизмҳои миллии ҳуқуқи кӯдак пуштибонӣ карданд. Тавассути ин ҳамкорӣ ваколатдорон оид ба ҳуқуқи кӯдак аз Аврупо ва Осиёи марказӣ арзёбии таъсири чораҳои давлат оид ба КОВИД-19 ба ҳуқуқи кӯдакро (АТҲК) анҷом доданд. Арзёбии мазкур (АТҲК) таъсири чораҳои зиддипандемии давлат ба риояи ҳуқуқи кӯдакон дар Тоҷикистон, бахсус он кӯдаконеро, ки таҳти таъсири муҳоҷират қарор гирифтаанд, таҳқиқ намуд.

Муаллифони таҳқиқот барои маълумот ва андешаҳое, ки дар ин нашрия дарҷ шудаанд, масъулиятро ба ӯҳда доранд. Фикру андешаҳои муаллифон ба ҳеҷ ваҷҳ мавқеъ ва назари Иттиҳоди Аврупоро (ИА) ва ЮНИСЕФ-ро инъикос намекунад.

Ҳамаи ҳуқуқҳои муаллифон маҳфуз аст. Иваз кардани ҳар ҷузъе аз ҷузъҳои ин нашрия ё нашр кардани он дар дигар шаклҳо, аз ҷумла дар шакли электронӣ, нусхабардорӣ, сабт, дигар навъҳои нигоҳдории маълумот ё системаҳои таъминотӣ бе иҷозати хаттии ЮНИСЕФ мамнӯъ аст.

Муаллифон барои дарёфти шарҳу эзоҳ ва тавсияҳо оид ба таҳқиқоти мазкур омодаанд. Лутфан пешниҳодҳои худро ба нишонии электронии zkomilova@unicef.org фиристед.

# ВАЗИФАҲО

Вазифаи АТҲК дар Тоҷикистон аз таҳияи намудани далелҳо ва мусоидат намудан ба тасмимгирии огоҳона дар бахши таҳкими ҳифзи кӯдак бо институтсионализатсия кардани АТҲК дар раванди таҳияи сиёсат дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ иборат аст. Барои расидан ба ин мақсад, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (ВММШ), Дафтари ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, ва Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ барои мутобиқ сохтани АТҲК бо воқеиятҳо дар Тоҷикистон ва гузаронидани арзёбӣ як гурӯҳи кории техникӣ таъсис додаанд.

Ин гузориш натиҷаҳои оқибатҳои иҷтимоиву иқтисодии КОВИД-19 ба кӯдакони муҳоҷирони кориро пешниҳод мекунад. Таваҷҷуҳи асосии гузориш ба дастрасии кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ ба ғамхорӣ, таҳсил, хизматрасониҳои тиббӣ ва ҳуқуқӣ ва чораҳои махсуси муҳофизатӣ дар давраи пандемия нигаронида шудааст. Ин натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд бо якчанд роҳ мавриди истифода қарор гиранд. Якум, муайян кардани модели ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони осебпазир дар давраи пандемия. Дуюм, кумак кардан дар татбиқи сиёсат, ки ба беҳтар кардани шароити зиндагии кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо нигаронида шудааст. Дар ниҳоятан, ин маълумот ҳамчунин метавонад барои пайгирӣ кардани сатҳи тағйирёбандаи осебпазирии кӯдакон ва барномаҳое, ки мақсади кумак ба онҳоро доранд ва ё таҳқиқотҳои иловагиро дастгирӣ менамоянд.

# МУҚАДДИМА

Тоҷикистон ҳамчун давлати дорои иқтисоди сатҳи пасти даромад дар ҷаҳон боқӣ мемонад, ки дар он маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) бар ҳар сари аҳолӣ 1030 доллари амрикоиро (Атлас метод, Бонки ҷаҳонӣ) ташкил дода, 26,3 фоизи аҳолии он ба ҳолати соли 2019 камбизоат мебошанд. Кӯдакони то синни 18 сола 40,6 фоизи аҳолиро ташкил дода, ҷавонони то синни 30 сола 66 фоизи онро ташкил медиҳанд, ки ин аҳолии кишварро ба сафи яке аз ҷавонтарин аҳолии Осиёи марказӣ ворид мекунад.

Фаротар аз таъсири бевоситаи он ба саломатии омма, хусусияти пойдории пандемия суръати рушди иқтисодиётро коҳиш дода, барҳамхурии ҷойҳои корӣ ва давлат ва мушкили молиявии давлатӣ мушоҳида карда шуд. Тоҷикистон чораҳои маҳдудкунандаро мукаммал татбиқ накард, вале сарҳад ва фурӯдгоҳҳои худро баст ва ба муддати кӯтоҳ ҳамоишҳои оммавиро манъ кард, ки ин барои пешгирии авҷи пандемия таъсири наззаррас расонд.

Тибқи ҳисобҳои охир, иқтисоди Тоҷикистон эҳтимолан дар соли 2020 то 2 фоиз коҳиш меёбад (ХБП). Бо назардошти ин, ки сатҳи рушди иқтисод дар давоми панҷ соли гузашта тақрибан 7 фоизро ташкил медод, ин коҳишёбии назаррас ба шумор меравад. Бар асари суст шудани рушди иқтисодиёт ва коҳиш ёфтани сатҳи даромаҳо касри буҷет то ҳадди 7,7 фоизи ММД афзоиш ёфт (ХБП, 2020с.). Интиқоли пулии муҳоҷирон, ки манбаи муҳими даромади хонаводаҳо ба шумор меравад, дар чоряки аввали соли 2020 ба ҳадди 20 фоиз кам шуд.

Дар пасманзари тавсеаи чораҳои карантинӣ ва халалдоршавии фаъолиятҳои тиҷоратӣ ва ҳамлу нақл, дар семоҳаи дуюми сол таъсири он ба иқтисоди кишвар эҳсос карда шуд. Аз моҳи марти 2020 парвозҳои байналмилалӣ ва ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар Тоҷикистон муваққатан манъ карда шуд. Одатан март ва апрел моҳҳое ба шумор мерафтанд, ки муҳоҷирони тоҷик ба Россия ва Қазоқистон ба муҳоҷират сафар мекарданд. Азбаски Россия сарҳадҳои худро ба сабаби паҳншавии васеи вирус баст, қисми зиёди муҳоҷирон сари вақт аз кишвар ба муҳоҷират рафта натавонистаанд.

Тоҷикистон бо ММД-и 874 доллари амрикоӣ бар сари аҳолӣ, нишондиҳандаи пастаринро дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) дорад. Бо вуҷуди пешрафт, 27,4

фоизи аҳолӣ ҳанӯз зери хати миллии фақр қарор доранд. Шумораи зиёди хонаводаҳои тоҷик аз интиқоли маблағҳо вобастаанд. Дар давоми соли 2019 зиёда аз 2,9 миллиард доллари амрикоӣ, ки муодили 35 фоизи ММД мебошад, ҳамчун интиқоли шахсии маблағҳо аз Россия ба Тоҷикистон фиристода шуд. Тахмин карда мешавад, ки дар соли 2020 интиқоли маблағҳо зиёда аз 28 фоиз коҳиш мeёбад, ки барои кишваре ҳамчун Тоҷикистон маънои талафоти ҷиддии даромадҳоро дорад (ССМ дар Тоҷикистон, 2020с.).

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба таъсири КОВИД-19 ба иқтисоди кишвар нуқтаҳои зеринро зикр намудаанд: “Дар натиҷаи паҳншавии бемории сироятии коронавирус ва бинобар он коҳиш ёфтани фаъолиятҳои иқтисодӣ, инчунин афзоиши бесобиқаи сатҳи бекорӣ, вазъият дар ҷаҳон боз ҳам печидатар шуд ва боиси буҳрони амиқи иқтисодӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ гашт. Имрӯзҳо кишваре ё соҳае вуҷуд надорад, ки буҳрон ба он таъсир нарасонда бошад. Тибқи арзёбиҳои коршиносони байналмилалӣ, чунин буҳрон дар даҳсола аввалин ба шумор рафта, боиси рукуди ҷиддии иқтисоди ҷаҳон гаштааст”.

Дар таърихи 8-уми октябри соли 2021 Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (СҶТ) бурӯзи нави КОВИД-19-ро пандемияи ҷаҳонӣ эълон кард. Тибқи иттилои СҶТ дар ҷаҳон зиёда аз 236 миллион нафар аз ин беморӣ сироят ёфта, ин шумора дар ҳоли афзоиш аст (СҶТ, 2021с.). Аввалин ҳолатҳои мусбати бемории КОВИД-19 дар Тоҷикистон 30 апрели соли 2020 эълон карда шуданд. Маълумотҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (ВТҲИА) нишон медиҳанд, ки ба ҳолати моҳи октябри соли 2021 зиёда аз 17000 ҳолати бемории КОВИД-19 ба қайд гирифта шуда, 124 нафар вафот кардаанд (ВТҲИА, 2021с.).

Пандемия, ҳамчун буҳрони тандурустии омма ва иқтисодӣ ба ҳар як шахс таъсири худро расонд. Вале баъзе гурӯҳҳо таҳти таъсири шадидтари он қарор гирифтанд ва ба нобаробарии зиёд дучор шудаанд. Дар сурати мавҷуд набудани чораҳои муҳофизатӣ ва стратегияҳо коҳиш додан ва мубориза бар зидди он, гурӯҳҳои зерин метавонанд ба таъсири бештари манфии пандемия дучор шаванд:

- Шахсони дорои бемориҳои музмин ва пиронсолон;
- Ҷавонон, бахусус онҳое, ки бекоранд;
- Кӯдакони осебпазир ва дарканормонда;
- Оила ва кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ, аз ҷумла онҳое, ки бе назорат мондаанд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар пешбурди иқтисодиёти Тоҷикистон нақши ҳалкунанда мебозад. Дар соли 2019 интиқоли пулии шахсии муҳоҷирони корӣ 28 фоизи маҷмӯи

маҳсулоти дохилии (ММД) Тоҷикистонро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда яке аз баландтаринҳо дар ҷаҳон ба шумор меравад (Бонки ҷаҳонӣ, 2021с.). Пандемия ва таҳти таъсири он коҳишёбии бозори меҳнат дар Федератсияи Россия, ки дар он қисми зиёди муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ба шуғл фаро гирифта шудаанд, маҷмӯи нави вазифаҳои ҳалталабро дар назди муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо дар ватан гузошт.

Дар соли 2020 даромад аз ҳисоби интиқоли пул ба таври назаррас коҳиш ёфт: тақрибан 62 фоизи хонаводаҳо дар ин бора хабар доданд (Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ, 2021с.). Хатари коҳиш ёфтани талабот ба қувваи корӣ муҳоҷирон ва аъзоёни оилаҳои онҳоро боз ҳам осебпазиртар месозад. Зиёда аз 35 фоизи хонаводаҳо хабар доданд, ки кӯдакони онҳо дар моҳҳои май ва июн камтар аз 3 маротиба хӯроки пурра истеъмол кардаанд. Дар умум, амнияти озуқаворӣ дар давраи ташаннуҷи буҳрон аз рӯйи як қатор нишондиҳандаҳо рӯ ба таназзул ниҳод ва шумораи ҳарчӣ бештари хонаводаҳо дар бораи гурусна мондан, кам шудани гуногунии навъҳои хӯрок ва ташвиши ба даст овардани хӯроки кофӣ хабар доданд. Ҳамин гуна сатҳи осебпазирӣ дар қобилияти пардохти ҳаққи хизматрасониҳои коммуналӣ ва механизмҳои роҳёбӣ, ба монанди фурӯхтани чизу чора ва кам кардани хароҷотҳо барои хизматрасониҳои тиббӣ мушоҳида шуд (Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ, 2021с.). Дар мавриди оилаҳое, ки таҳти таъсири муҳоҷират қарор доштанд ва саробонҳои онҳо берун аз Тоҷикистон ноилоҷ монданд, шахсони боқимонда (асосан занон) маҷбур шуданд танҳо кӯдакон ва дигар аъзоёни оиларо нигоҳубин кунанд.

Дар умум, хатари паҳншавии пандемия боиси зиёд шудани бекорӣ гашта, аҳолии камбизоат боз ҳам осебпазиртар мешаванд. Дар давраи пандемия хароҷоти хонаводаҳо барои қисми зиёди оилаҳо афзоиш ёфт, чунки аз ин ба баъд буҷети хона мебоист хароҷотҳои марбут ба маҳлулҳои антисептикӣ, ниқобҳо, маводҳои беҳдошт ва зиддиуфунӣ, инчунин дорувориро пӯшонад. Дар ҳоли ҳозир пандемияи ҷаҳонии КОВИД-19 ва таъсироти манфии он ба иқтисодиёт, тиб ва таҳсилот амалан ба ҳамаи ҷанбаҳои зиндагӣ зарар расонидааст. Бори аввал аст, ки қисми зиёди кишварҳои ҷаҳон бо карантин ва чораҳои маҳдудкунандаи ҷиддӣ рубарӯ шуданд, то ки аз ҳолатҳои нави беморӣ ҷилавгирӣ шавад. Тибқи гузориши Лансет оид ба солимии кӯдак ва наврас, дар давраи аввали пандемия 188 кишвар мактабу кӯдакистонҳои худро бастанд (Лансет, 2020с.). Пандемияи КОВИД-19 ба зиёда аз 860 миллион кӯдак ва наврас дар саросари ҷаҳон таъсир расонд.

Оилаҳои дорои фарзанд гурӯҳи аҳолие ба шумор мераванд, ки таҳти таъсири шадиди маҳдудиятҳо қарор гирифтанд. Онҳо бояд ба шароитҳои нав ваояндаи норавшан худро мутобиқ созанд. Бастани мактабҳо, кӯдакистонҳо ва майдончаҳои бозӣ, инчунин кам шудани шумораи маҳфилҳо ва дарсҳои иловагӣ ба фарсудашавии

муҳити таълимӣ ва доштани вақти холии аз ҳад зиёди кӯдакон оварда расонд. Ғайр аз ин, бо сабаби маҳдудиятҳо, иртиботи иҷтимоӣ яку якбора қатъ шуд ва ҳаёти маъмулӣ ва корҳои рӯзмарра тағйир ёфт. Албатта, ҳамаи ин омилҳо ба рушду таҳсили кӯдакон таъсири бевосита расонд.

Лансет ҷавононро ҳамчун насле, ки "дар сояи КОВИД-19 ба воя мерасанд" тавсиф кард, чунки мубориза и бесобиқа бар зидди пандемия барои лаззат бурдани кӯдакон ва ҷавонон аз даврони кӯдакӣ имконияти ночизеро боқӣ гузошт. Муаллифон изҳор мекунанд: "Пандемия ниҳоятан ба охир мерасад, вале мо набояд иҷозат диҳем, ки сояҳои он ба маҳдуд кардани як насли пурраи ҷавон ва таъсир расондан ба он идома диҳад". (Лансет, 2020с.).

ЮНИСЕФ аз эҳтимолияти "насли гумшуда"-и кӯдакон дар натиҷаи таъсири дарозмуддати пандемия ба таҳсилот, тағзия ва некӯаҳолии умумии онҳо нигарон аст (ЮНИСЕФ, 2020с.). Халал дар фароҳам овардани хизматрасониҳои асосӣ бо сабаби пандемия ҳамроҳ бо афзоиши камбизоатӣ барои кӯдакон хатари ҷиддиеро ба миён меорад (СММ, 2020с.).

Тибқи маълумоти Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (СҶТ) КОВИД-19 дар байни кӯдакон ва наврасон одатан бемории камшиддат ва шумораи ками фавтро дар муқоиса ба калонсолон ба миён меорад. Дар ҳоле, ки ҷараёни камшиддати беморӣ натиҷаи мусбат ба шумор меравад, эҳтимол вуҷуд дошт, ки нишонаҳои нармтари он боиси ба даст овардани натиҷаҳои камтари ташхисии шумораи камтари ошкоршудаи ҳолатҳои бемории КОВИД-19 дар байни кӯдакон ва наврасон гардад (СҶТ, 2021с.). Ҳамзамон, дар натиҷаи пандемия кӯдакон ва наврасон дар саросари ҷаҳон таҳти хатари бештари камбизоатӣ қарор мегиранд. ЮНИСЕФ ҳамчунин гузориш дод, ки бастани мактабҳо ба рӯйи 572 миллион хонанда ба як восита ё воситаи дигаре (33 фоиз) дар 30 кишвари кураи замин таъсир расонидааст. Дар гузориш инчунин, баён карда мешавад, ки дар натиҷаи пандемия дар байни тақрибан 7 миллион кӯдаки то 5 сола нишонаҳои ташнагӣ ё гуруснагии шадид то охири соли 2020 (14 фоиз бештар нисбати ба соли 2019) ташхис карда мешаванд (ЮНИСЕФ, 2020с.).

# МУҲИТИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ АТҲК

Ба хотири мубориза бар зидди паҳншавии КОВИД-19, дар таърихи 22 марти соли 2020 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як нақшаи амалиётии иборат аз 84 банди чорабиниро тасдиқ намуд. Нақшаи мазкур як қатор фаъолиятҳоро дар соҳаҳои гуногун дар бар мегирифт. Баъ аз он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (ВТҲИА) “Нақшаи омодагӣ ва эътинои кишвар (НОЭК) ба КОВИД-19”-ро таҳия намуд, ки дар ҳаҷми худ амалиётӣ ба шумор меравад. НОЭК чорабиниҳои мухталифи тандурустии омма, ки ба маҷрои гуногуни кор тақсим шудаанд, аз ҷумла назорат, ошкорсозии ҳолатҳои беморӣ, таъминоти моддиву техникӣ ва алоқаро дар бар мегирад.

Бинобар афзоиши ногаҳонии ҳолатҳои беморӣ аз сирояти КОВИД-19 Федератсияи Россия аз 27 марти соли 2020 дар қаламрави худ чораҳои карантинӣ ва қоидаҳои гӯшанишинӣ ҷорӣ кард. Ҳукумати Тоҷикистон низ бинобар хатари КОВИД-19, ҳамчун ҷузъи чораҳои эҳтиётӣ, ҳамаи фурӯдгоҳҳоро баст ва ҳамаи сафарҳо ба Федератсия Россия ва дигар кишварҳо ва бозгашт ба кишварро тавассути ҳаво, роҳи оҳан ва замин муваққатан манъ кард.[1] Ин чораҳо рафту омади муҳоҷирони кории Тоҷикистонро маҳдуд кард. Дар давраи пандемия тақрибан 300 000 муҳоҷири корӣ барои ба даст овардани шуғли муваққатӣ ба хориҷа сафар карда натавонистанд (ВММША, 2020с.) ва оилаҳои худро дар баробари пандемия осебпазир сохтанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои пешгирӣ кардан аз паҳншавии КОВИД-19 ва паст кардани сатҳи хатари паҳншавии сироят ба аҳолӣ чораҳо андешид. Ин чораҳо метавонанд ба шакли зайл гурӯҳбандӣ карда шаванд: меъёри ҳуқуқӣ, фармонҳои соҳавӣ, фароҳам кардани хизматрасонӣ ва кӯмак бо пули нақд.

Бо мақсади ҳамоҳанг кардани фаъолиятҳо барои таҳкими чорабиниҳо оид ба пешгирӣ кардани паҳншавии КОВИД-19, таҳти роҳбарии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Ситод иборат аз намояндагони вазорату идораҳои давлатӣ ташкил карда шуд. Дар натиҷа якчанд фармон содир карда шуд:

- 23 январи соли 2020 Тоҷикистон парвозҳо ба Ҷумҳурии Халқии Чин манъ кард. Моҳи март кишвар сарҳади худро бо Афғонистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва

[1] Изҳороти Вазорати корҳои хориҷӣ аз 18 марти соли 2020 оид ба маҳдудияти ҳаракат ва сафарҳо бо сабаби КОВИД-19 www.mfa.tj/ru/main/view/5871/soobshchenie-mid-tadzhikistana-ot-18-marta-2020-goda-v-svyazi-s-pandemieinovogo-koronavirusa

Ӯзбекистон баст, 20 март бошад, тамоми парвозҳои байналмилалиро лағв кард. Хизматрасонии боркашонӣ ба воситаи роҳи оҳан кушода боқӣ монд.

- 22 марти соли 2021 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор “Дар бораи гузаронидани иммунизатсия бар зидди КОВИД-19”-ро содир кард (таҳти №83 аз 22 марти 2020с.).
- 25 апрели соли 2020 Ситод содироти як қатор маҳсулоти кишорвазиро бо мақсади ҳифзи бозори хӯрокворӣ мувакқатан манъ кард.
- Моҳи июни соли 2020 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии таъсири КОВИД-19 ба соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон” содир гардид (таҳти №1544 аз 5 июни 2020с.).
- Дар бораи чораҳои иловагие, ки барои пешгирӣ намудани воридшавӣ ва паҳншавии КОВИД-19 дар Тоҷикистон, андешида шудаанд, бахусус манъи чорабиниҳои умумӣ бахшида ба рӯзҳои ид, манъи намозҳои ҷамоат дар масҷидҳо, инчунин ҳар гуна ҳамоиш – таровиҳ, ифтор, ҷашну маросимҳо ва дигар чорабиниҳои марбут ба рамазон (18 апрели 2020с.). Дар саросари кишвар гузаронидани чорабиниҳои умумӣ, аз ҷумла чорабиниҳои варзишӣ ва фарҳангӣ, намоши филмҳо ва намоишномаҳои театрӣ (25 апрели 2020с.) мувакқатан манъ карда шуданд.
- Ҳамаи бозорҳо (ба ғайр аз хӯрокворӣ), мағозаҳо ва дигар ҷойҳо/хизматрасониҳои умумӣ аз 30 апрели соли 2020 то 15 июни соли 2020 баста шуданд.
- 26 майи соли 2020 мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) рафтуомади одамон аз дигар минтақаҳои кишвар, инчунин аз ноҳияҳо ба маркази вилоятро маҳдуд кард.
- 7 июли соли 2020 қонуни нав дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва Кодекси ҷиноятӣ оид ба паҳн кардани хабарҳои бардуруғ дар хусуси КОВИД-19 қабул карда шуд. Вайрон кардани ин қонунҳо метавонист ба боздошти маъмурӣ ба муҳлати то 15 рӯз ё ҷарима ба маблағи 580 сомонӣ (тақрибан 51,30 доллари амрикоӣ) барои шахсони воқеӣ ва то 11 600 сомонӣ (тақрибан 1000 доллари амрикоӣ) барои шахсони ҳуқуқӣ оварда расонад. Дар баробари ин, дигар тағйироту иловаҳо ба қонунҳо дар бораи вайрон кардани талабот оид ба пӯшидани ниқоб дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо ҷаримаи аз 10 то 25,60 доллари амрикоӣ ворид карда шуд. “Қасдан сироят ёфтан” ва “паҳн кардани бемории ба ҳаёт таҳдидкунанда, ки ба беморшавии ҷомеа оварда мерасонад” ба муҳлати аз 2 то 5 сол ва барои ҳамин кирдорҳо,

ки боиси зарари ҷиддӣ ба саломатӣ ё марг гаштаанд, ба муҳлати аз 5 то 10 сол зиндон таҳдид мекард.

- Ҳамаи чорабиниҳои ҷашнӣ ва умумӣ бахшида ба муносибати соли нав манъ карда шуданд (19 ноябри 2020с.).
- Аз 25 апрел то 10 майи соли 2020 дар ҳамаи мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ, коллеҷҳо ва муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна ва касбӣ "таътили муваққатӣ" эълон карда шуд, ки то 16 август тамдид карда шуд. Дар ин давра Вазорати маориф ва илм барои хонандагони синфҳои 9-11 ба воситаи телевизион дарсҳо ташкил кард.
- Ба хотири таҳкими иқтидорҳои миллӣ оид ба омодагӣ ва эътино ва пешгирӣ кардани паҳншавии КОВИД-19 Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муассисаҳои тиббиро барои бистарӣ ва муолиҷа кардани беморон муҷаҳҳаз сохт.

Ба хотири таҳкими ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар давраи пандемияи КОВИД-19 ва пешгирӣ намудани паҳншавии он, тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии таъсири КОВИД-19 ба соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон" (таҳти №1544 аз 5 июни 2020с.) ва қарори Ҳукумат оид ба татбиқи ин фармон (таҳти №401 аз 11 июли 2020с.) зиёда аз 480 000 шахсони осебпазир кумаки таъҷилии якдафъаина, ки баробари 35 доллари амрикоӣ буд, ба даст овարданд.[2] Ба воситаи ВТҲИА, ба зиёда аз 149,856 хонаводаи камбизоат дар шакли пули нақд ба маблағи 35 доллари амрикоӣ кумак расонида шуд. Илова бар ин, бо кумаки техникӣ ва молиявии Бонки ҷаҳонӣ, хонаводаҳои камбизоате, ки кӯдакони то сесола доштанд, дар шакли пули нақд ба маблағи 44 доллари амрикоӣ кумаки якдафъаина дарёфт карданд. Дар маҷмӯъ, то моҳи марти соли 2021 69 966 хонавода, ки кӯдакони то сесола доштанд, дар шакли пули нақд кумак ба даст оваранд.

## МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚОТ

Арзёбии АТҲК ва саволҳо тарҳе тарҳрезӣ шуданд, ки ҳуқуқи кӯдакон ба муҳофизат дар давраи пандемия таҳқиқ шавад. Тибқи Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак (КСММҲК), диққати асосии ин саволҳо ба таъсири пандемия ба панҷ кластери зерин равона карда шуданд:

[2] Оилаҳо 400 сомонӣ дарёфт карданд. Нархи асъор 1 доллари амрикоӣ = 11,2950 сомонӣ буд. Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj.

1. Муҳити оила ва дараҷаи ғамхорӣ
2. Хизматрасониҳои асосии тиббӣ
3. Таҳсилу фароғат [3]
4. Хизматрасонии ҳуқуқӣ
5. Чораҳои махсуси муҳофизатӣ

Моҳи майи соли 2021 дар доираи лоиҳаи “Муҳофизати кӯдакони таҳти таъсири муҳоҷират қарордошта дар Осиёи ҷанубу шарқӣ, ҷанубӣ ва марказӣ” дар Тоҷикистон АТҲК гузаронида шуд. Арзёбӣ аз таҳқиқи назариявии адабиёти мавҷуда ва оморҳо оғоз ёфт. Адабиёт ва сарчашмаҳои асосии маълумотҳо гузоришҳои тозаи солона ва нимсолаи ВММША, солномаҳои оморӣ ва гузоришҳои демографиро, ки аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, дар бар мегирифт. Он ҳамчунин дигар гузоришҳои марбут ба таъсири пандемияи КОВИД-19, ба монанди: Таъсири КОВИД-19 ба бозори меҳнат ва муҳоҷират (Институти ҷомеаи кушода, 2021с.) ва *Арзёбии зуди эҳтиёҷоти соҳаи маорифро* (ЮНИСЕФ, 2020с.) дар бар мегирифт.

Ҳамагӣ 1100 нафар ҷавобдиҳандагон дар назарсанҷии АТҲК иштирок карданд. Қисми зиёди ҷавобдиҳандагон модарони кӯдакони 0-14 сола (58,9 фоиз) буданд; 61,8 фоизи ҷавобдиҳандагон дар синни кории байни 18 ва 45 буданд; 88,8 фоиз шаҳрвандони Тоҷикистон буданд; ва 87,7 фоизи ҷавобдиҳандагон оиладор буданд. Таҳқиқот нишон дод, ки 8,4 фоиз дорои дараҷаи бакалавр доштанд ва 50,1 фоизи ҷавобдиҳандагон кӯдакони аз 10 то 17 сола доштанд; 0,4 фоизи кӯдакон дорои имкониятҳои маҳдуд буданд. Илова бар ин, дар доираи таҳқиқот, тавассути доир намудани муҳокимаронии гурӯҳҳои таҳти таваҷҷуҳ (МГТТ) фикру андешаи 40 фоизи наврасони синни 15-18 сола пурсида шуд.

Таҳқиқот дар назди худ ду мақсад гузошта буд. Якум, муайян кардани таъсири чораҳои давлат оид ба КОВИД-19 ба ҳуқуқи кӯдак ва оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ; ва таҳияи намудани далелҳо ва мусоидат намудан ба тасмимгирии огоҳона дар бахши таҳкими ҳифзи кӯдак ба воситаи ниҳодикунонии АТҲК дар раванди таҳияи сиёсат дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ.

Ин таҳқиқот дар методҳои ҳам миқдорӣ ва ҳам сифатӣ асос ёфтааст. Он маълумотҳоеро таҳлил мекунад, ки дар давоми моҳи июни соли 2021 аз 10 шаҳру ноҳияи Тоҷикистон ҷамъоварӣ шудаанд. Қисмати миқдории он назарсанҷии 1100

[3] Арзёбӣ танҳо дастрасӣ ба таҳсилотро фаро гирифтааст. Баъзе оморҳо оид ба варзиш/фароғатро метавон аз фасли марбут ба чораҳои муҳофизатӣ пайдо кард.

нафар падару модарон ва парасторони кӯдаконро дар бар мегирифт. Дар аксар маврид модарон ё падарон, вале дар мавридҳои кам, вақте ки дар хонавода падару модарон набуданд, бо парасторони кӯдакони муҳоҷирони корӣ мусоҳиба анҷом дода шуд. Барои анҷом додани мусоҳибаҳои шахсӣ бо истифода аз планшетҳо (ниг. ба Замимаи 1) кормандони Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ барои падару модарон як саволномаи назарсанҷиро таҳия намуданд ва он дар ҳамоҳангӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронида шуд. Бо мақсади ба даст овардани маълумоти амиқ се даври муқоимаронихои гурӯҳҳои тахти таваҷҷуҳ бо иштироки кӯдакон ва наврасони коргари синнашон аз 15 то 18 сола ва кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ бо истифода аз саволномаи нимасохтор (ниг. ба Замимаи 2) гузаронида шуд.

## Фарогирии ҷуғрофӣ

Шаҳру ноҳияҳо дар асоси ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатӣ интихоб карда шуданд; муҳоҷирони меҳнатие, ки аз шумораи умумии аҳолӣ ба ватан баргаштаанд; мавҷудияти бозорҳои калони хӯрокворӣ дар шаҳрҳо; ва беморхонаҳо барои кӯдакон дар Душанбе, дар ҳар як минтақа, шаҳр ва ноҳия.



Минтақаҳо ба панҷ гурӯҳ тақсим карда шуданд ва якчанд ноҳия аз миёни онҳо инитхоб карда шуд:

1. **Минтақаи A:** Вилояти Суғд – шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Мастчоҳ
2. **Минтақаи B:** Вилояти Хатлон – шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб, инчунин ноҳияи Панҷ.
3. **Минтақаи C:** Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон – шаҳри Хорӯғ ва ноҳияи Ванҷ.
4. **Минтақаи D:** Ноҳияҳои тобеи марказ – шаҳрҳои Ваҳдат ва Ҳисор ва ноҳияи Нуробод.
5. **Минтақаи E:** шаҳри Душанбе.

**Ҷадвали 1: Квотаҳои интихобӣ дар шаҳру ноҳияҳо**

| Ноҳия | Шумораи умумии аҳолӣ* | Шумораи муҳоҷирони меҳнатии баргашта* | % баргашта-ҳо аз шумораи умумӣ** | Таносуб ҳамаи намунагири-ҳо (шахсони баргашта) | Таносуб ҳамаи намунагири-ҳо (дар хориҷа) | Намуна-гирӣ аз байни 5%-и шахсони баргашта | Ҳисоби миёна барои ҳар се метод | Намуна-гирии ниҳоӣ (бутункард ашуда) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ)** | | | | | | | | |
| Ванҷ | 34,100 | 882 | 4.6% | 46 | 42 | 44 | 44 | 65 |
| Хорӯғ | 30,300 | 1,153 | 6.0% | 60 | 73 | 58 | 64 | 80 |
| **Ноҳияҳои тобеи марказ** | | | | | | | | |
| Ваҳдат | 57,600 | 2,678 | 13.9% | 139 | 139 | 134 | 137 | 100 |
| Ҳисор | 29,3900 | 2,491 | 12.9% | 129 | 114 | 125 | 123 | 110 |
| Нуробод | 78,300 | 528 | 2.7% | 27 | 63 | 26 | 39 | 55 |
| **Вилояти Суғд** | | | | | | | | |
| Мастчтоҳ | 125,300 | 860 | 4.5% | 45 | 22 | 43 | 36 | 50 |
| Хуҷанд | 181,600 | 3,838 | 19.9% | 199 | 175 | 192 | 189 | 180 |
| **Вилояти Хатлон** | | | | | | | | |
| Бохтар | 110,800 | 3,036 | 15.8% | 158 | 170 | 152 | 160 | 140 |
| Кӯлоб | 208,000 | 1,941 | 10.1% | 101 | 92 | 97 | 97 | 110 |
| Панҷ | 11,6800 | 1,837 | 9.5% | 95 | 110 | 92 | 99 | 110 |
| Душанбе | 846400 | 2,940 | 15.3% | 153 | 129 | 130 | 137 | 100 |
| | **2083100** | **19,244** | **115%** | **1153** | **1129** | **1092** | **1125** | **1100** |

**Манбаъ: Демографияи Тоҷикистон, Агентии омор, ш. Душанбе, 2021с.**
**** Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, 2020с.**
**Дар марҳалаи дуюм намунаҳо (1 100 мусоҳибашудагон) дар байни минтақҳо бар асоси меъёрҳои дар боло зикршуда тақсим карда шуданд.**

**Ҷадвали 2: Мавзеи мусоҳиба, минтақа**

| № | Минақаҳо | Шумораи мусоҳибашудагон |
|---|---|---|
| 1. | ВМКБ | 145 |
| 2. | Вилояти Суғд | 230 |
| 3. | Вилояти Хатлон | 360 |
| 4. | Ноҳияҳои тобеи марказ | 265 |
| 5 | Шаҳри Душанбе | 100 |
| | **Ҳамагӣ:** | **1100** |

Ҳаҷми намунагирӣ дар тамоми панҷ минтақаи кишвар чунин тақсим карда шуд, ки аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ он аз тамоми қаламрави кишвар намояндагӣ мекунад. Ҳаҷми намунагирӣ бо истифода аз додаҳои расмӣ оид ба шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ва муҳоҷирони меҳнатии баргашта ҳисоб карда шуд ва интихоб мувофиқи мавзеъ тақсим карда шуд. Ин навъи таҳқиқот метавонад дар бораи вазъи кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ дар саросари Тоҷикистон манзараи умумиро фарҳам орад.

Марҳалаи сеюм тақсимоти мусоҳибашудагон ба ҷинсҳоро дар бар мегирад:

**Ҷадвали 3: Хусусиятҳои мусоҳибашудагон (падару модарон ва парасторон) аз рӯи ҷинсҳо**

| Ҷинс | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТМ | Душанбе |
|---|---|---|---|---|---|
| Мардҳо | 50 | 81 | 125 | 152 | 43 |
| Занон | 95 | 149 | 235 | 113 | 57 |
| **Ҳамагӣ** | **145** | 230 | 360 | **265** | **100** |

## Ҷамъоварии маълумотҳо

Кормандони хадамоти муҳоҷират, инчунин кормандони пуртаҷрибаи Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ  дар шаҳру ноҳияҳои интихобшуда маълумотҳоро аз мусоҳибашудагон ҷамъоварӣ карданд. Ин кормандон қаблан дар таҳқиқоти Ташкилоти байналмилали меҳнат (ТБМ) оид ба таъсири пандемия ба муҳоҷирони ба ватан баргашта иштирок карда буданд ва дар ҷамъоварии маълумот бо истифода аз замимаи KoboCollect таҷрибаи зиёд доштанд. Маълумотҳоро 22 нафар мусоҳибакунанда, ки аз ҷониби кормандони Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва ЮНИСЕФ ҳангоми ҷаласаҳои алоҳидаи ҳаштсоата омӯзиш дода шуданд, ҷамъоварӣ карданд. Маълумотеро, ки кормандони Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират

ва шуғли аҳолӣ ба воситаи саволномаҳо ҷамъоварӣ карданд, манбаи асосӣ ба шумор меравад. Дар он ҷо 11 нуқтаи ҷамъоварии додаҳо вуҷуд дошт. Додаҳои таҳқиқот бо истифода аз барномаи Activityinfo, ки кормандони ЮНИСЕФ дар планшетҳои Пажуҳишгоҳ насб карда буданд, ҷамъоварӣ карда шуд. Activityinfo чунин интихобе дорад, ки саволномаи онлайниро ба таври худкор пур мекунад, ки ин раванди назорати рӯзмарраи маълумотҳоро мувофиқи нишондиҳандаҳо осон мекард.

Барои гузаронидани шумораи лозимии мусоҳибаҳо тибқи нақша, мусоҳибакунандагон ба ҳар як ноҳияи интихобшуда рафтанд. Оила ва кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ дар шаҳру ноҳияҳо аз рӯйи методи систематикӣ интихоб карда шуданд. Мусоҳибакунанда аз нуқтаи асосӣ (давомнокии кори саҳроӣ=шумораи хонавода/намуна) ба хонаи ҳар панҷумин хонавода мерафт. Ба хотири таъмини сифати баланди натиҷаҳо, кормандони лоиҳа дар рафти кор ва баъд аз он ҷараёни ҷамъоварии маълумотҳоро аз наздик назорат мекарданд.

Мушовироне, ки дар гурӯҳҳои ноҳияҳои худ барои ташкил намудани ҷамъоварии маълумот масъул буданд, раванди мусоҳиба ва иҷрои вазифаҳои барномарезишуда, инчунин сифати саволномаҳои пуркардаи ҷавобдиҳандагонро назорат мекарданд. Онҳо ҳамчунин мушкилоти ҷорӣ, ки асосан ба мушкилоти техникии воридсозии маълумотҳо вобаста буданд, ҳаллу фасл мекарданд. Коршиносони ду Пажуҳишгоҳи таҳқиқотӣ ҳангоми гузаронидани муҳокимаронии гурӯҳҳои тахти таваҷҷуҳ ҳамчун модератор амал мекарданд.

**Ҷадвали 4: Хусусиятҳои умумии мусоҳибашудагон**

| Минтақаҳо | Назарсанҷии падару модарони кӯдакони то 14 сола | Назарсанҷии кӯдакони аз 14 то 18 сола | Муҳокимаронииҳои гурӯҳҳои тахти таваҷҷуҳ дар байни наврасон (15-18 сола) | Шумораи умумии иштироккунандагони назарсанҷӣ |
|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 107 | 38 | 0 | 145 |
| Суғд | 172 | 58 | 10 | 240 |
| Хатлон | 268 | 92 | 10 | 370 |
| НТМ | 197 | 68 | 0 | 265 |
| Душанбе | 74 | 26 | 20 | 120 |
| **Ҳамагӣ** | **818** | **282** | **40** | **1,140** |

## Мулоҳизоти ахлоқӣ

Дастаи кории таҳқиқот ва кормандони дахлдори ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон воситаҳои таҳқиқотиро бодиққат аз назар гузарониданд. Диққати махсус ба саволномаи кӯдакон ва наврасони аз 15 то 18 сола дода шуд. Дафтари ваколатдори ҳуқуқи кӯдак, намояндаи шӯъбаи ҳуқуқи кӯдак, шӯъбаи корҳои иҷтимоии факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва кормандони дахлдори ЮНИСЕФ воситаҳои мазкурро аз нуқтаи назари ахлоқӣ ва ҳуқуқи кӯдак баррасӣ карданд.

Аз иштироккунандагони МГТТ ва падару модарони онҳо хоста шуд, ки пазириш ва ризояти огоҳонаи худро изҳор кунанд. Бо вуҷуди ба иштироккунандагон фаҳмондани ҳама принсипҳои ахлоқӣ ва қоидаҳои МГТТ (бахусус моҳияти ихтиёрӣ доштани иштирок, пинҳон кардани шахсият ва махфияти он), ҳанӯз ҳам баъзе шакку шубҳаҳо боқӣ мемонданд. Дар чунин ҳолатҳо, ёддоштҳо танҳо дар дафтарча ва флипчартҳо навишта мешуданд.

## Маҳдудиятҳои методология

Яке аз маҳдудиятҳои таҳқиқот давраи тӯлонии ба ёд овардани рӯйдодҳо буд. Иштироккунандагон бояд ба саволҳои марбут ба вазъиятҳое ҷавоб мегуфтанд, ки як сол қабл ба миён омада буданд ва дар баъзе мавридҳо наметавонистанд ба саволҳои мушаххас ҷавоб диҳанд. Қисми зиёди кӯдакон ва наврасони коргар дар деҳот, ки аз 15 то 18 солаанд, аз мусоҳиба даст мекашиданд, чунки онҳо метарсиданд, ки ин мусоҳибаро мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон ташкил кардааст. Зиёда аз ин, бештари иштироккунандагони МГТТ-ро писарон ташкил медоданд, чунки шумораи духтарони навраси коргар камтар буд. Бо сабаби камбуди вақт ва маҳдудияти иқтидорҳо дастаи кории таҳқиқот натавонист тибқи нақша бо хабаррасонҳо мусоҳиба анҷом диҳанд. Ин камбудӣ бо гузаронидани таҳқиқи адабиётҳои мавҷуда қисман ҷуброн карда шуд.

# ТАЪСИРИ ЧОРАҲОИ ДАВЛАТ ВОБАСТА БА ПАРДЕМИЯИ КОВИД-19 БА ҲУҚУҚИ КӮДАКОНИ ТАҲТИ ТАЪСИРИ МУҲОҶИРАТ ҚАРОРДОШТА

Пандемияи КОВИД-19 дар саросари ҷаҳон ба қувваи корӣ зарбаи ҷиддӣ ворид кард: муҳоҷирони меҳнатӣ бекор монданд ва ба далели баста будани сарҳадҳо [4] натавонистанд ба хонаҳои худ баргарданд. Вазъият ба сабаби он, ки муҳоҷирон аксаран якҷоя дар фазои маҳдуд зиндагӣ мекарданд, бадтар шуд ва ин хатари сироят ёфтан аз КОВИД-19-ро меафзуд. Тағйироти манфӣ дар иқтисодиёт, молия, коҳиши густурдаи ҷойҳои корӣ ҳамроҳ бо таҷдиди сохтори бозори меҳнат ба муҳоҷирони меҳнатӣ таъсири бевосита расонд, зиндагии онҳоро тағйир дод ва боиси ташаккул ёфтани ҳаракатҳои нави иҷтимоӣ гашт. Дар ҳоли ҳозир, муҳоҷирони меҳнатӣ дар Федератсияи Россия ва дигар кишварҳо дар муқоиса бо аҳолии маҳаллӣ дар вазъияти осебпазирӣ қарор доранд (ТБМ, 2020с.).

Таъсири иқтисодии буҳрони марбут ба КОВИД-19 ба муҳоҷирони меҳнатӣ, инчунин чораҳои ҷавобии ҳукумат вобаста ба кишвар ва минтақа фарқ мекунад. Дар заминаи имкониятҳои маҳдуди иқтисодӣ, талабот ба муҳоҷирони меҳнатӣ дар баъзе соҳаҳо коҳиш меёбад, дар ҳоле, ки талабот дар соҳаи тандурустӣ ва корҳои мавсимии кишоварзӣ меафзояд. Азбаски шумораи зиёди ҷойҳои корие, ки дар ин соҳаҳо пешниҳод карда мешаванд, муваққатӣ, ғайрирасмӣ ва ҳифзношуда мебошанд, барои муҳоҷирони меҳнатӣ бахусус муҳим аст, ки масъалаҳои мушаххаси онҳо ҳаллу фасл шаванд ва ҳуқуқи онҳо дар чунин ҷойҳо ҳифз карда шавад. Ин ба қаноатманд кардани эҳтиёҷоти бозори меҳнат ҳам дар кӯтоҳмуддат ва ҳам дар дарозмуддат мусоидат хоҳад кард (ПРАЙС, 2018с.).

Дар Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатӣ ҷанбаҳои мухталифи ҷомеаро фаро гирифта, соҳаҳои гуногуни иқтисодиётро таҳти таъсир мегузорад. Тассаввур кардани вазъияти ҳозираи иҷтимоиву иқтисодии кишвар бе муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа имконнопазир аст ва ин масъалае ба шумор меравад, ки ба зиндагӣ ва моддиёти бисёр оилаҳо дар Тоҷикистон таъсири амиқ мерасонад. Ҳамзамон ин падида ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Тақрибан 80 фоизи оилаҳое, ки аз зери таъсири муҳоҷират мондаанд, дар хонаводаҳои худ як ё ду муҳоҷир доранд (ПРАЙС, 2018с.). Ҳафтоду шаш фоизи муҳоҷирон барои муваққатан ҳал кардани мушкилоти молиявии

[4] Хабари Вазорати корҳои хориҷӣ аз 18 марти соли 2020 оид ба ҷорӣ намудани маҳдудият ба рафтуомад ва сафарҳо дар робита ба КОВИД-19, https://www.mfa.tj/ru/main/view/5871/soobshchenie-mid-tadzhikistana-ot-18-marta-2020-goda-v-svyazi-s-pandemiei-novogo-koronavirusa

худ дар хориҷа кор карданро авло медонанд. Аз ин рӯ, муҳоҷират дар Тоҷикистон мавсимӣ аст.

Дар натиҷаи таъсири иқтисодии пандемияи КОВИД-19 даҳҳо ҳазор муҳоҷир, на танҳо дар Федератсияи Россия, балки дар кишварҳои будубошии доимиашон бекор монданд.

**Ҷадвали 5: Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(ба ҳисоби ҳазор)

| № | ВМКБ | 2019 | 2020 | Сатҳи паст шудани муҳоҷират дар соли 2020 дар муқоиса бо соли 2019 |
|---|---|---|---|---|
| 1. | ВМКБ | 32 163 | 7 755 | 75% |
| 2. | Вилояти Хатлон | 207 003 | 55 353 | 73% |
| 3. | Вилояти Суғд | 113 029 | 35 819 | 68% |
| 4. | Ноҳияҳои тобеи марказ | 109 185 | 27 659 | 74.6% |
| 5. | Шаҳри Душанбе | 19 641 | 3 221 | 8.6% |
| | **Дар ҷумҳурӣ** | **481 021** | **129 807** | **73.1%** |

**Манбаъ: Гузоришҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2019-20202).**

Мувофиқи маълумоти мавҷуда (ниг. ба ҷадвали 5) шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар соли 2020 ба хориҷа сафар карданд, дар муқоиса бо соли 2019 кам шуд. Бузургтарин коҳиши шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар ВМКБ, НТМ ва шаҳри Душанбе ба чашм мерасад.

**Ҷадвали 6: Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз рӯйи ҷинс**

| Минтақаҳо | 2019 | | 2020 | |
|---|---|---|---|---|
| | Мардҳо | Занҳо | Мардҳо | Занҳо |
| ВМКБ | 26 932 | 5 231 | 6 736 | 1 019 |
| Вилояти Суғд | 181 427 | 25 576 | 50 493 | 4 860 |
| Ноҳияҳои тобеи марказ | 94 214 | 18 815 | 28 248 | 7 571 |
| Шаҳри Душанбе | 94 982 | 14 202 | 24 851 | 2 808 |
| ВМКБ | 15 595 | 4 074 | 2 599 | 622 |
| **Дар ҷумҳурӣ** | **413 150** | **67 871** | **112 927** | **16 880** |

**Манбаъ: Гузоришҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2019-20202).**

Таҳлили маълумоти оморӣ (ниг. ба ҷадвали 6) нишон медиҳанд, ки дар соли 2020 дар муқоиса ба ҳамон давраи соли 2019 шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз рӯйи ҷинс дар минтақаҳо низ коҳиш ёфтааст. Бузургтарин коҳиши шумораи мардоне, ки ба муҳоҷират мераванд, дар ВМКБ, НТМ ва шаҳри Душанбе ба чашм мерасад; чунин коҳиш дар байни занони ВМКБ, Вилояти Хатлон, шаҳри Душанбе ва Ноҳияҳои тобеи марказ мушоҳида мешавад.

Тибқи гузориши ВММША шумораи мардоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд,то 300 025 нафар (ё 2,6 маротиба дар муқоиса бо соли 2019) коҳиш ёфта, шумораи занҳо бошад, то 51 018 нафар (ё се маротиба дар муқоиса бо 2019) кам шуд. Ин гуна коҳиши назаррас дар байни ҳам мардон ва ҳам занон барои сохтори ҷомеаи Тоҷикистон оқибатҳои манфӣ дорад. Пайдо карда натавонистани кор сатҳи бекориро меафзояд. Бе кори муносиб ва воситаҳои зиндагӣ муҳоҷирони баргашта метавонанд барои дигар аъзоёни оила, ки барои ҳимояи муҳоҷир ва оилаҳои худ бояд бештар кор кунанд, бори гарон шаванд.

Бинобар КОВИД-19 бастани сарҳадҳо ва ҷорӣ намудани чораҳои ҳатмии худмуҳофизатӣ ба вазъияти муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия таъсири манфӣ расонд. Бо вуҷуди он, ки муҳоҷирони меҳнатӣ билети ҳавопаймо харида буданд, бо сабаби маҳдудиятҳои сафар 438 010 муҳоҷири меҳнатӣ натавонитсанд ба Тоҷикистон баргарданд (Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, 2020с.). Қисми зиёди онҳо ҳанӯз ҳам дар вазъияти номаълум қарор доранд. Бештари шаҳрвандони Тоҷикистон, новобаста аз ҳолати оиладорӣ ва бо вуҷуди он, ки шаҳрвандии Федератсияи Россия ё Тоҷикистонро доштанд, зарари бузурги молиявӣ ва шахсӣ диданд.

Интиқоли пулии муҳоҷирон манбаи муҳими даромад барои иқтисоди Тоҷикистон ба шумор меравад. Мувофиқи нишондиҳандаҳои Бонки марказии Россия дар давраи аз январ то марти соли 2020 маблағи умуми интиқоли пулии шахсони алоҳида, ки ба Тоҷикистон фиристоданд, 359 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки ин дар муқоиса бо соли гузашта 55,7 фоиз камтар аст. Дар ҳамин давраи соли гузашта аз Федератсия Россия ба Тоҷикистон 644 миллион доллари амрикоӣ интиқол ёфта буд.[5] Сохтори интиқоли маблағҳо аз Федератсияи Россия ба Тоҷикистон чунин аст: рубли русӣ (83 фоиз), доллари амрикоӣ (16 фоиз) ва евро (0,1 фоиз).

[5] Додаҳо аз Бонки маркази Россия, 2020с.

# НАТИҶАҲОИ ТАҲЛИЛИ ДОДАҲОИ НАЗАРСАНҶӢ

## ХУСУСИЯТҲОИ ИҶТИМОИВУ ДЕМОГРАФӢ

Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа омили назаррасе ба шумор меравад, ки ба ҳаёти бисёр оилаҳо дар Тоҷикистон таъсир мерасонад. Вазъияти кунунии иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвар бе муҳоҷирати меҳнатӣ имконнопазир аст: аз шурӯи асри бисту як ин барои Тоҷикистон бузургтарин падида ба шумор меравад.

**Тасвири 1: Макони мусоҳибаҳо аз рӯйи минтақаҳо**




Саволнома 1 100 нафарро фаро гирифт. Он 282 кӯдаки аз 15 то 18 сола ва 818 падару модарро дар бар гирифт. Он шомили 100 нафар (9 фоиз) аз шаҳри Душанбе; 265 нафар (25 фоиз) аз НТМ; 230 нафар аз Вилояти Суғд (20,9 фоиз); 360 нафар аз Вилояти Хатлон (32,7 фоиз) ва 145 нафар аз ВМКБ (13,1 фоиз) буд. Аз шумораи умуми ҷавобдиҳандагон, аксарияти онҳо зан буданд (58,9 фоиз), мардҳо бошанд, 41,1 фоиз муҳоҷироне буданд, ки дар давраи пандемия ба кишвари сукунати доимии худ баргашта буданд. Аз шумораи умумии ҷавобдиҳандагон дар минтақаҳо, аксарияти занҳои ҷавобдиҳанда аз Вилояти Хатлон буданд (62,2 фоиз) ва аксарияти мардҳо аз НТМ (57,3  фоиз) буданд.

**Тасвири 2: Миллат**




Бар асоси ин назарсанҷӣ, аксарияти ҷавобдиҳандагонро тоҷикон, пас аз он ӯзбекҳо, русҳо ва тоторҳо ташкил медоданд.

**Тасвири 3: Таркиби синну солӣ**




Аксарияти ҷавобдиҳандагон аз 25 то 40 сола (55,6 фоиз) буданд, пас аз он шахсоне буданд, ки аз 40 то 55 сола буданд, сипас онҳое, ки аз 55 сола (12,6 фоиз) боло буданд ва онҳое, ки аз 17 то 25 сола (6,3 фоиз) буданд. Ин нишон медиҳад, ки аксарияти ҷавобдиҳандагон ҷавон ва миёнасол буданд.

**Тасвири 4: Ҳолати оиладорӣ**




Аксарияти ҷавобдиҳандагон ишора карданд, ки онҳо оиладоранд (87,7 фоиз), пас аз он бевамондаҳо (5,4 фоиз), талоқшудаҳо (5,1 фоиз) ва шахсони муҷаррад (1,8 фоиз).

**Тасвири 5: Сатҳи таҳсилот**




Аз миёни ҳамаи ҷавобгӯяндагон 31,2 фоиз маълумоти миёна; 15,8 фоиз маълумоти олӣ; 13,4 фоиз маълумоти миёнаи касбӣ; 10,5 фоиз маълумоти миёнаи нопурра (синфи 9); ва 8,1 фоиз маълумоти ибтидоии касбӣ доштанд. Дар ҳамин ҳол, 8,4 фоиз дараҷаи бакалавр; 3,8 фоиз дараҷаи магистр доштанд, 2 фоиз курсҳои кӯтоҳмуддатро хатм карда буданд; 0,4 фоиз номзади илм буданд; ва 3,2 фоиз тамоман таҳсил накардаанд. Маълумотҳои ҷамъоваришуда сатҳи пасти таҳсилоти касбиро дар байни ҷавобгӯяндагон нишон медиҳад.

**Ҷадвали 7: Синну соли кӯдакон**

| Гурӯҳи синну солӣ | Шумора | Ҷинс | | Кӯдакони дорои икониятҳои маҳдуд | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Писар | Духтар | Писар | Духтар |
| То 1 сола | 123 | 68 | 50 | 3 | 2 |
| Аз 1 то 4 сола | 199 | 100 | 90 | 4 | 5 |
| Аз 5 то 9 сола | 238 | 120 | 106 | 8 | 4 |
| Аз 10 то 13 сола | 268 | 140 | 112 | 11 | 5 |
| Аз 14 то 18 сола | 282 | 166 | 100 | 7 | 9 |
| **Ҳамагӣ** | **1,100** | **594** | **458** | **34** | **25** |

Назарсанҷӣ нишон медиҳад, ки аксарияти ҷавобгӯяндагон дар оилаҳои худ кӯдакони то синни 18 сола доранд. Кӯдакони то яксола – 11,2 фоиз (писарон 6,4, духтарон 4,8); кӯдакони аз 1 то 4 сола – 18 фоиз (писарон 9,2, духтарон 8,8); кӯдакони аз 10 то 13 сола – 24,1 фоиз (писарон 13,4, духтарон 10,7); кӯдакони аз 14 то 17 сола – 25 фоиз (писарон 16,2, духтарон 8,8) буданд. Тибқи маълумоте, ки падару модарон пешниҳод карданд, 0,4 фоизи онҳо дар оилаҳояшон кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд доранд. Аксарияти онҳо аз 9 то 17 сола мебошанд. Ҳамин тавр, аксарияти кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд дорои синну соли мактабӣ мебошанд. Тақрибан нисфи падару модарон (49,3 фоиз) хабар доданд, ки кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди онҳо, ки дорои синну соли мактабӣ мебошанд, дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна таҳсил мекунанд. Ғайр аз ин, 38,7 фоизи ҷавобдиҳандагон зикр карданд, ки кӯдакони онҳо ба курсҳои махсуси кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд мераванд.

Назарсанҷии миқдорӣ бо муҳокимарониҳои гурӯҳҳои тахти таваҷҷуҳ (МГТТ) дар се шаҳри асосии Тоҷикистон такмил карда шуд.

**Ҷадвали 8: Шумораи кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар гурӯҳҳои тахти таваҷҷуҳ иштирок карданд**

| № | Шаҳр | Писарон | Духтарон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Бохтар | 5 | 5 | 10 |
| 2. | Хуҷанд | 8 | 2 | 10 |
| 3. | Душанбе | 13 | 7 | 20 |
| | **Ҳамагӣ:** | **26** | **14** | **40** |

Ҳамагӣ 40 нафар – 20 нафар аз Душанбе, 10 нафар аз Хуҷанд ва 10 нафар аз Бохтар дар гурӯҳҳои таҳти таваҷҷуҳи наврасоне, ки дар назарсанҷӣ дохил набуданд, иштирок карданд. Писарон 65 фоиз ва духтарон 35 фоизи ҷавобдиҳандагонро ташкил медоданд. Ин шояд ба он хотир бошад, ки духтарон асосан ба кори хона машғул буданд, дар ҳоле, ки аз писарон чашмдор буданд берун аз хона кор кунанд. Синну соли ҷавобдиҳандагон аз 15 то 18 буд.

## МУҲИТИ ОИЛА ВА ДАРАҶАИ ҒАМХОРӢ

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар тарзи пешбурди ҳаёти оилаҳо дар ҷомеаи Тоҷикистон нақши тағйирдиҳанда мебозад. Вазъияти иҷтимоиву иқтисодии занони муҳоҷири Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин гурӯҳи иҷтимоӣ ба як қатор мушкилоти вобаста ба ғоиб будани шавҳаронашон дучор мешавад. Муҳоҷирати меҳнатии падару модарон ҳамчунин ҳолати иҷтимоиву равонии кӯдакони онҳоро, ки дар Тоҷикистон мемонанд, зери таъсир мегузорад. Солҳои охир талоқ дар Тоҷикистон ба воситаи паёмакҳо (СМС) сурат мегирад[6]. Гарчанде додаҳои расмӣ оид ба шумораи талоқҳо ба воситаи паёмакҳо вуҷуд надоранд, вале мардони дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарордошта аз занҳои худ бо се маротиба фиристодани калимаи "талоқ" ба воситаи паёмак, ки маънои "ту озод ҳастӣ"-ро дорад, ҷудо мешаванд (Аҳрапова, 2019с.). Дар натиҷа, зани бе ҳимоя монда, бо кӯдакон ба хонаи падару модари худ бармегардад. Дар чунин ҳолатҳо, кӯдакони коргарони муҳоҷир, ки аз ғамхории падари худ маҳрум мондаанд, аз ҳама бештар ранҷу азоб мекашанд.

**Тасвири 6: Кӯдаконе, ки дар оилаҳои хешовандон зиндагӣ мекунанд**




[6] Тибқи маълумоти Маркази исломии Тоҷикистон, ҳамасола тақрибан 100 ҷуфти оиладор барои ҳаллу фасли мушкилоти талоқ ба воситаи паёмак ба додгоҳҳои шаръӣ муроҷиат мекунанд.

Назарсанҷӣ ба он далолат кард, ки 35,4 фоизи оилаҳое, ки муҳоҷират карданд, кӯдакони худро дар зери назорати хешовандони худ гузоштанд. Инҳо оилаҳое мебошанд, ки асосан як парастор доранд (ё падар ё модар бо кӯдак мемонад). Аз инҳо 12,3 фоиз ва 23,1 фоиз кӯдакон аз оилаҳое мебошанд, ки дар онҳо ҳам падар ва ҳам модар ба хотири ҳаллу фасли мушкилоти молиявии оила дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд. Аз ҷумлаи ҷавобдиҳандагон 64,6 фоиз кӯдакони худро дар зери назорати хешовандони худ нагузоштанд ва бовар доранд, ки кӯдакон бояд дар оила ба воя расанд. Тибқи таҳқиқот, қариб 87 фоизи кӯдакони дорои ё падар ё модаре, ки муҳоҷират кардааст, бо падар ё модари дигари биологии худ, одатан бо модари худ зиндагӣ мекарданд. Боқимонда 13 фоизи кӯдакон зери як навъ муроқибат ё нигоҳубини хешовандон ҳамроҳ бо аъзоёни оилаҳои онҳо зиндагӣ мекунанд (Наҷоти кӯдакон, 2014с.). Кӯдакон аз оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ гурӯҳи нави хатар ба шумор меравand, зеро бовар бар ин аст, ки онҳо бе муҳаббат ва тарбияи волидайни худ ба воя мерасанд ва бештар дар кӯча мемонанд ва аз назари иҷтимоӣ, равонӣ, ахлоқӣ ва таҳсилот табъиз мешаванд.

**Тасвири 7: Арзёбии вазъи молиявии оила қабл аз муҳоҷират**




Оилаҳои муҳоҷирон, дар натиҷаи мавҷуд набудани кор ва даромади пасти сарвари оила, вазъи молиявии худро қабл аз рафтан ба хориҷа барои кор арзёбӣ карданд. Натиҷаҳо чунинанд: миёна – 57,9 фоиз, хуб – 17,9 фоиз, вазнин 23,7 фоиз, хеле вазнин 0,5 фоиз.

**Тасвири 8: Тағйироти вазъи иқтисодиву иҷтимоии оила ба сабаби муҳоҷират дар давраи пандемия**




Тибқи додаҳои назарсанҷӣ, вазъи иҷтимоиву иқтисодии аксарияти оилаҳо (57,6 фоиз) дар натиҷаи муҳоҷирати падару модарон беҳтар шудааст; дар ҳоле, ки вазъи 31,5 фоиз каме бад шудааст, вазъи 7,5 фоиз бад шуда, вазъи иҷтимоиву иқтисодии 3,4 фоиз ба таври назаррас бад шудааст. Бадшавии вазъ дар оилаҳое, ки дар давраи пандемия кори худро аз даст додаанд, ҳамчунин дар оилаҳое, ки аз аъзои муҳоҷири оилаи худ муддати тӯлонӣ интиқоли пулӣ ба даст наовардаанд, мушоҳида мешавад.

Пандемия ба вазъи иқтисодии 50 фоизи кӯдакон ва наврасоне, ки бо онҳо дар доираи гурӯҳи тахти таваҷҷуҳ мусобиҳа анҷом дода шуд, таъсири шадид расонидааст, дар ҳоле ки вазъияти 50 фоизи боқимонда бетаъсир мондааст.

Дар робита ба иштироккунандагоне, ки пандемия ба онҳо таъсири шадид расонидааст, бояд гуфт, ки падару модарони ин мусоҳибашудагон дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд. Онҳо дар натиҷаи карантин дар кишвари қабулкунанда муваққатан ё ба таври доимӣ кори худро аз даст додаанд, ки ин ба вазъи молиявии оилаҳои онҳо дар ватан таъсири шадид расонидааст. Оилаҳои онҳо барои харидани хӯрок ва доруворӣ пули кофӣ надошатаанд.

**Тасвири 9: Бозгашти падару модарони муҳоҷир ба сабаби КОВИД-19**



Аксарияти муҳоҷирон (64,1 фоиз) бо сабаби баста будани сарҳад ва набудани сафарҳо бо қатора ва мошин натавонистанд ба ватан баргарданд. Танҳо 35,9 фоизи муҳоҷирон ба ватан баргашта тавонистанд.

**Тасвири 10: Интиқоли пулии гирифташуда**




Аксарияти муҳоҷирон (88,6 фоиз) ба оилаҳои худ пул фиристоданд, вале 11,4 фоизи онҳо изҳор доштанд, ки пул нафиристодаанд. Маблағҳое, ки дар давраи пандемия интиқол дода шуданд, асосан барои харидории хӯрокворӣ, қаонатманд кардани эҳтиёҷоти асосӣ, доруворӣ, маҳлулҳои антисептикӣ ва ниқобҳо харҷ карда шуданд. Дар байни онҳое, ки ба оилаҳои худ пул фиристоданд, 51,7 фоиз гуфтанд, ки онҳо дар як моҳ як маротиба пул мефиристоданд, 18 фоиз ду маротиба дар як моҳ ва 12,3 фоиз ҷавоб доданд, ки онҳо “баъзан” пул мефиристоданд.

**Тасвири 11: Мавҷудияти пасандозҳо барои пушти сар кардани КОВИД-19**




Бо вуҷуди коҳиши назарраси ҳаҷм (Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ, 2020с.) ва зудии интиқоли маблағҳо,  пули фиристодаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар иқтисоди оилаҳо дар давраи пандемия нақши зиддибуҳронӣ мебозид. Бисту панҷ фоизи ҷавобдиҳандагон изҳор доштанд, ки пасандозҳояшон танҳо ба муддати як моҳ базӯр барои онҳо кифоят карданд, 25,4 фоиз зикр карданд, ки пасандозҳояшон ба муддати се моҳ ба онҳо ёрӣ расондад ва 13,3 фоиз гуфтанд, ки пасандозҳояшон барои шаш моҳ кифоят карданд. Зиёда аз 35 фоизи ҷавобдиҳандагон гуфтанд, ки онҳо ҳеҷ гуна пасандоз надоштанд ва

бинобарин барои онҳо таъмини бақои зиндагӣ дар давраи пандемия хеле душвор буд ва онҳо ба кумаки иҷтимоӣ эҳтиёҷ доштанд.

**Тасвири 12: Аз даст додани ҷойҳои корӣ ба сабаби пандемия**




Назарсанҷӣ нишон дод, ки дар давраи пандемия 50 фоизи ҷавобдиҳандагон дар кишвари қабулкунанда ҷойҳои кории худро аз даст доданд. Аз онҳо 18,2 фоиз ба кишвари худ баргаштанд, 15,5 фоиз ният доранд баргарданд ва 13,3 фоиз нақшаи баргаштанро надоранд. Зикри ин нукта муҳим аст, ки дар Тоҷикистон на танҳо ба далели муҳоҷирони ба тозагӣ баргашта ва ҷӯёи кор, балки аъзои оилаҳои онҳо низ ба далели коҳиши сатҳи даромади оилаҳояшон дар ҷустуҷӯи коранд, имконияти зиёд вуҷуд дорад, ки шумораи корҷӯён афзояд.

Бар хилофи раванди ҷаҳонӣ, кӯдакон ва наврасони МГТТ тасдиқ карданд, ки онҳо дар давраи пандемия кор накарданд. Вале он кӯдакон ва наврасоне, ки оилаҳояшон замин доштанд ва падару модаронашон дар ин заминҳо сабзавот парвариш мекарданд, гуфтанд, ки онҳо ба падару модарони худ ба воситаи кор кардан дар ин заминҳо ёрӣ расонданд. Кӯдакон гуфтанд, ки онҳо аз 0,5 то 1,5 соат дар як рӯз кор карданд.

**Тасвири 13: Берун рафтани кӯдакони дар давраи пандемия**




Бо вуҷуди он, ки ҳукумат ҳанӯз карантин ҷорӣ накарда буд, 86,1 фоизи падару модароне, ки пурсида шуданд, ба берун рафтани кӯдакони худро, ҳар вақте онҳо мехостанд бароянд, манъ мекарданд. Ҳамзамон 13,9 фоизи падару модарон ба кӯдакони худ, ҳар вақте онҳо мехостанд аз хона ба берун раванд, иҷозат намедоданд.

Дар байни онҳо, танҳо 51,2 фоизи кӯдакон аз хона ба берун мерафтанд, 20 фоиз баъзан ба берун мерафтанд, 13,9 фоиз гоҳ-гоҳе аз хона ба берун мерафтанд ва 0,5 фоизи падару модарон ҷавоб доданд, ки онҳо намедонистанд кӯдакони худро чанд вақт иҷозати ба берун рафтан диҳанд.

**Тасвири 14: Маҳдудияти робитаи мутақобили ҷисмонии кӯдакон дар давраи пандемия**




Ба хотири ҳифзи кӯдакони худ, 83,4 фоизи падару модарон гуфтанд, ки онҳо тамоси ҷисмонии кӯдакони худро бо одамони дигар дар давраи пендемия маҳдуд карданд ва 16,6 фоизи падару модарон гуфтанд, ки онҳо ин амали кӯдакони худро маҳдуд накарданд.

Аксарияти кӯдакони (59 фоиз) пурсидашуда дар гурӯҳи тахти таваҷҷуҳ дар робита ба вазъияти марбут ба КОВИД-19 нигаронии худро изҳор карданд. Ин далел, ки онҳо қаблан чунин вазъиятро надида буданд, мояи нигаронии ҷиддӣ ба шумор меравад. Халали дарозмуддат ба тарзи ҳаёт ва фаъолиятҳои муқаррарӣ наметавонад ба ҷаҳонбинии наслҳои ҷавон бе таъсир монад. Ба сабаби пандемия ва эълон кардани нимакарантин рафтуомади кӯдакон ва наврасон дар саросари кишвар маҳдуд шуд. Кӯдакон ишора карданд, ки онҳо наметавонистанд ба мактаб раванд, ба бозиҳои варзишӣ машғул шаванд ва бо рафиқони худ ба сайру гашт раванд. Онҳо гуфтанд, ки онҳо кори дилхоҳашонро анҷом дода наметавонистанд, чунки қоидаҳои карантин ва масофагирии иҷтимоӣ бояд риоя мешуд ва падару модаронашон ба онҳо иҷозати ба берун рафтанро намедоданд. Пандемияи КОВИД-19 ба ҳаёти иҷтимоии кӯдакон ва наврасон таъсири амиқ расонд. Онҳо таҳти фишор қарор гирифтанд ва хеле дилтанг шуданд.

**Тасвири 15: Рӯйхати масъалаҳо ва эҳтиёҷоти ҷорӣ, ки дар натиҷаи пандемия ба вуҷуд омаданд**




Таҳқиқот нишон дод, ки дар давраи пандемия 48,8 фоизи оилаҳо ба хӯрок ва ашёи зарурӣ эҳтиёҷ доштанд. Истеъмоли ками хӯрок дар соли 2020 ду баробар афзуд ва ин нишондиҳанда дар муқоиса ба сатҳи соли 2019 10 фоиз баланд боқӣ монд (Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ, 2021с.). Таҳлили нишондиҳандаҳо ба он далолат кард, ки оилаҳои маҷбур шуданд истеъмоли хӯрокро дар сатҳҳои гуногун маҳдуд кунанд. Чилу се фоизи ҷавобдиҳандагон гуфтаанд, ки коҳиши ҳаҷми интиқоли маблағҳо вазъи молиявии оилаҳои онҳоро бадтар кард ва онҳоро ба гирифтани қарз аз хешовандон ва дӯстон водор кард. Як қисми (31,5 фоиз) ҷавобдиҳандагон дар бораи дучор шуданашон ба мушкилоти равонӣ ва иҷтимоӣ хабар доданд, дар ҳоле ки 31,1 фоиз дар бораи он гуфтанд, ки узви оилаи онҳо баъд аз бозгашт аз муҳоҷират ба мушкилоти пайдо кардани ҷойи кор дучор шудааст. Ба сабаби коҳиши интиқоли маблағҳо ва муҳайё набудани ҷойи кор, 25,3 фоизи ҷавобдиҳандагон изҳор доштанд, ки онҳо ба норасоии маблағ барои харидорӣ кардани доруворӣ, аз ҷумла барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд, дучор шуданд ва 21,7 фоиз гуфтанд, ки онҳо барои баргардондани қарзи бонкӣ маблағ надоштанд. Бисту як фоиз дар робита ба тандурустии фарзандони худ нигарон буданд ва 4,9 фоиз гуфтанд, ки онҳо дар дарвари пандемия бо душвории пардохти ҳаққи таҳсилоти фарзандонашон дучор шуданд. Аксарияти ҷавобдиҳандагон (58,6 фоиз) қайд кардани, ки онҳо дар давраи пандемия ҳеҷ гуна кумак дарёфт накарданд (ниг. ба тасвири 16).

Панҷоҳ фоизи иштироккунандагони МГТТ, ки пандемия ба онҳо таъсири шадид расонида буд, зикр карданд, ки дар давраи пандемия хӯрок ва доруворӣ хеле қимат шуд ва ин ба тавони харидории онҳо таъсир расонд, чунки интиқоли маблағҳо то қариб 50 фоиз камтар шуд. Оилаҳои онҳо хӯроки камтар мехариданд. Он коргарони муҳоҷир,

ки тавонистанд дар давраи пандемия ҷойҳои кори худро ҳифз кунанд ва ба оилаҳои худ пул интиқол медоданд, мушкили молиявӣ надоштанд. Ҳамчунин, баъзе оилаҳое, ки таҳти таъсири муҳоҷират қарор доштанд ва дар онҳо ё падар ва ё модар дар ватан ҷойи кор дошт, бо вуҷуди дарёфт накардани интиқоли пулӣ, ба душвориҳо дучор нашуданд. Даҳ фоизи ҷавобдиҳандагон гуфтанд, ки дар давраи пандемия хешовандонашон онҳоро бо хӯрок ва доруворӣ таъмин мекарданд ё аз мошинҳои боркаше, ки кумак тақсим мекарданд, дастгирӣ ёфтанд. Инҳо яке аз сабабҳое буданд, ки ин оилаҳо машаққати иқтисодиро эҳсос накарданд.

**Тасвири 16: Кумакҳои дар дарвари пандемия гирифташуда**




Ба гуфтаи иштироккунандагони МГТТ, дар давраи пандемия падару модарон ва кӯдакони онҳо ба ҳеҷ кас барои ёрӣ муроҷиат накардаанд. Вале, дар асоси ҷавобҳои кӯдакон ба саволҳо, возеҳу равшан аст, ки онҳо мехостанд ба онҳо кумак расонда шавад. Масалан, дарёфти кумак дар шакли хӯрока, доруворӣ, ниқоб ва маводҳои антисептикӣ, чунки дар давраи пандемия нархи ашёҳои аввалияи зарурӣ хеле боло рафт. Илова бар ин, кӯдакон мехостанд, ки духтурон ҳарчӣ зуд-зуд онҳоро хабар гиранд.

Аз байни 26,1 фоизи нафароне, ки аз ҳуқумат кумак ба даст овярданд, 66,5 фоиз дар шакли пули нақд, 19,9 фоиз – маводи хӯрока, 5,2 фоиз – воситаҳои муҳофизати шахсӣ (ВМШ), 4,7 фоиз – доруворӣ, 2,6 фоиз – собун ва маводҳои гигинӣ буд. Гарчанде оилаҳои таҳти таъсири муҳоҷират қарордошта аз ҳукумат кумак дарёфт карданд, миқдори пули нақд ночиз буд ва эҳтимолан ба некӯаҳолии кудакон ҳеҷ таъсире нарасонидааст. Маблағ ҳамчунон (ба ҳисоби моҳона) ба 40 фоизи музди (моҳонаи) ҳадди аққал баробар буд.

**Тасвири 17: Навъҳои кумак**




Аз байни онҳое, ки воқеан дар бораи гирифтани кумак хабар доданд (41,4 фоиз): 26,1 фоизи ҷавобдиҳандагон аз давлат, 5,2 фоиз – аз СҒҲ ва 10 фоиз аз шахсони алоҳида кумак гирифтанд. Аз шумораи умумии оилаҳое, ки кумак гирифтанд, 18 фоиз – хӯрока, 17,1 фоиз – пул, 10,6 фоиз – воситаҳои муҳофизати шахсӣ (ВМШ) барои КОВИД-19, 6,6 фоиз – доруворӣ ва 5,5 фоиз маводҳои муҳофизати шахсӣ ва гигиенӣ ба даст овarданд.

**Тасвири 18: Манбаи маълумот дар бораи кумаки дастрас**




Ҷавобдиҳандагон дар бораи расонидани кумак аз манбаҳои зерин огоҳ шуданд: 23 фоиз аз шахсони мансабдори давлатӣ, 21,7 фоиз аз дӯстон ва хешовандон, 3,6 фоиз аз шабакаҳои иҷтимоӣ ва 3,4 фоиз аз воситаҳои ахбори омма.

Таҳқиқот нишон дод, ки 12,3 фоизи оилаҳо, ки аз онҳо танҳо ё падар ё модар муҳоҷират кардааст ва 23,1 фоиз, ки аз онҳо ҳам падар ва ҳам модар муҳоҷират кардаанд, кӯдакони худро дар зери назорати хешовандони худ гузоштаанд. Дар натиҷа, бо вуҷуди пандемия вазъи иқтисодии кӯдакон дар 57,6 фоизи ҳолатҳо беҳтар шудааст (ниг. ба тасвири 8). Аксарияти ҷавобдиҳандагон (64,1 фоиз) ба сабаби баста будани сарҳадҳо ва мавҷуд набудани воситаи нақлиёт ба ватан баргашта натавонистанд (ниг. ба тасвири 9). Зиёд аз 35 фоиз гуфтанд, ки онҳо пасандоз надоштанд ва даромад ва хароҷоти худро ба душворӣ танзим мекарданд ва ин боис шуд, ки ба кумаки иҷтимоӣ рӯ оранд (ниг. ба тасвири 11). Панҷоҳ фоизи ҷавобдиҳандагон ба сабаби пандемия ҷойҳои кори худро дар кишвари қабулкунанда аз даст доданд (ниг. ба тасвири 12) ва 48,8 фоизи оилаҳо ба хӯрока ва ашёҳои аввалияи зарурӣ эҳтиёҷ доштанд, дар ҳоле, ки оилаҳо дар сатҳҳои гуногун маҷбур шуданд ҳаҷми истеъмоли худро коҳиш диҳанд (ниг. ба тасвири 15). Тибқи назарсанҷӣ, зиёда аз 26,1 фоизи хонаводаҳо аз давлат кумак дарёфт карданд (ниг. ба тасвири 16).

## ХИЗМАТРАСОНИҲОИ АСОСИИ ТИББӢ

КОВИД-19 бемории вазнини роҳҳои нафас, ки сабабгори он коронавируси инсон аст, ба шумор меравад ва ин ба баланд шудани сатҳи фавт дар байни шахсони синнашон аз 60 сола боло, инчунин шахсоне, ки бемориҳои музмини роҳҳои нафас ва дилу рагҳо, диабети қанд ва саратон доранд, оварда мерасонад. Фишоре, ки хатари сироят ёфтан аз беморӣ ба миён овард, бо зарурати ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо ва тағйирот дар тарзи ҳаёт боз ҳам сахттар шуд. Дар ин ҳолат, оилаҳои кӯдакдор ба душвориҳои махсус рубарӯ шуданд, чун одатҳои муқаррарии ҳаётӣ халалдор шуданд ва дар аксар маврид талаботҳои маъмулии кӯдакон ва наврасон маҳдуд шуданд. Ба хотири ҳифзи саломатии равонии кӯдакон ва таъмини муҳити барои рушди онҳо мусоид, падару модарон бояд аз ин вазъият огоҳӣ дошта бошанд ва барои дар шароити нав ташкил намудани зиндагӣ ва иртибот дар хона қадамҳо бардоранд.

Зиёда аз 30 беморхона бо 7 000 кат ва 5 400 табиб ва корманди тиббӣ дар Тоҷикистон барои муолиҷаи пурра ва саривақтии беморone, ки бо КОВИД-19 сироят ёфта буданд, сафарбар карда шуданд. Илова бар ин, 16 000 кат дар 92 муассисаи тиббӣ омода карда шуд. Вале барои баҳо додан ба фарқияти дастрасии кӯдакони таҳти таъсири муҳоҷират қарордошта ва дигар кӯдакон ба хизматрасониҳои тиббӣ ҳеҷ таҳқиқоте гузаронида нашудааст.

Азбаски системаи тандурустӣ ба пешбурди ҳолатҳои бемории вобаста ба КОВИД-19 аҳамияти асосӣ медиҳад, тақсимоти нобаробари кормандони тиббӣ дар шаҳру деҳот ба миён меояд, ки ин барои кормандони тиббӣ сарбории иловагӣ ба миён меорад ва онҳоро аз расонидани ёрии таъҷилӣ ва ғайритаъҷилӣ бозмедорад. Лозим аст, ки хизматрасониҳои зарурии тиббӣ, бахусус эмгузаронӣ, бемориҳои гузаранда ва ғайригузаранда, саломатии модар ва кӯдак, нигоҳубини шахсони пиронсол, саломатии равонӣ, инчунин пешгирии беморӣ ва барқарорсозии саломатӣ нигоҳ дошта шаванд. Падару модарон ба далели нигарониашон аз таҳдиди эҳтимолии сирояти КОВИД-19 ва бехатарии эмгузаронӣ ба овардани кӯдакони худ барои эмгузаронӣ дудилагӣ зоҳир мекунанд. Зиёда аз ин, норасоии воситаҳои муҳофизати шахсӣ метавонад ба тасмими кормандони тиббӣ ҷиҳати пешниҳод намудани хизматрасониҳои эмгузаронӣ таъсир расонад.

**Тасвири 19: Боздиди намояндагони муассисаҳои тиббӣ аз оилаҳо**




Бо мақсади муайян кардани вазъи сааломатии оилаҳо, намояндагони муассисаҳои тиббӣ бо 83 фоизи оилаҳо, ки назарсанҷӣ шуданд, дар тамос буданд, дар ҳоле ки 16,3 фоизи ҷавобдиҳандагон гуфтанд, ки кормандони соҳаи тандурустӣ бо онҳо мулоқот накардаанд. Табибон ва ҳамшираҳои шафқат дар давраи пандемия аз оилаҳо боздид карданд.

**Тасвири 20: Аъзоёни оила, ки дар давраи пандемия бемор шуданд**



Назарсанҷӣ нишон дод, ки дар давраи пандемия 30 фоизи оилаҳо хабар доданд, ки як узви оилаи онҳо бемор шуд ва 61 фоизи дигар гуфтанд, ки дар оилаи онҳо беморӣ вуҷуд надошт.

Иштироккунандагони МГТТ ба савол оид ба он, ки кӯдакон дар давраи пандемия ба кадом мушкилот дучор шуданд, ҷавоби монанд доданд. Баъзеи онҳо ба сабаби он, ки падару модарҳояшон бемор шуданд, эҳсоси афсурдагӣ карданд. Духтури оилавӣ мунтазам ба хонаи онҳо меомад ва онҳоро ба муддати 15 рӯз дар карантин қарор доданд. Баъзе кӯдакон ба хотири ҷилавгирӣ аз сироят аз воситаҳои анъанавӣ (гиёҳҳои шифобахш, сир) истифода мекарданд. Падару модарони 50 фоизи кӯдакон гирифтори вирус шуданд ва онҳо бо пули худ доруворӣ заруриро харидорӣ карданд. Вале онҳо нархи доруҳоро дар хотир надоранд.

**Тасвири 21: Кадом аъзоёни оила бемор буданд**




Аз 39 фоизи оилаҳо, ки дар бораи бемории яке аз аъзоёни оила хабар доданд, 28,5 фоиз падарон, 8,5 фоиз модарон ва 2 фоиз кӯдакон буданд.

**Тасвири 22: Муроҷиат ба муассисаҳо барои ба даст овардани ёрии тиббӣ**




Дар давраи пандемия 25,7 фоизи ҷавобдиҳандагон барои ба даст овардани ёрии тиббӣ ба беморхона рафтанд, 23,4 фоиз ба табиби оилавӣ, 9,5 фоиз ба дармонгоҳ, 4,5

фоиз ба табиби хусусӣ муроҷиат карда, 2,5 фоиз аз ҳеҷ муассиса ёрии тиббӣ дарёфт накарданд.

**Тасвири 23: Сатҳи қаноатмандӣ аз хизматрасониҳои тиббӣ дар давраи пандемия**




Назарсанҷӣ ошкор кард, ки 58,3 фоизи ҷавобдиҳандагон аз сифати хизматрасониҳои тиббӣ, ки дар давраи пандемия пешниҳод карда шуд, қаноатманданд, 26,8 фоиз пурра қаноатманданд, 10,7 фоиз на он қадар қаноатманданд ва 3,8 фоиз тамоман қаноатманд нестанд. Дар байни онҳое, ки аз сифати хизматрасонии тиббӣ норозигии худро изҳор карданд, сабабҳои зеринро баён карданд: сарпечии кормандони тиббӣ аз гузаронидани муоинаи тиббӣ ба сабаби пандемия ва тарси сироят ёфтан (32,1 фоиз); ғайрикасбӣ будани табибон (21,4 фоиз); хизматрасонии қимат (21,4 фоиз); муносибати дағали кормандони тиббӣ (14,3 фоиз) ва мавҷуд набудани муассисаҳои махсуси тиббӣ (10,7 фоиз).

Кӯдакон ва наврасони гурӯҳҳои таҳти таваҷҷуҳ мушкили дастрасӣ ба ёрии тиббиро надоштанд. Табиби оилавӣ дар минтақаи онҳо аз хонаҳо боздид мекард. Оилаҳое, ки гирифтори вирус шуда буданд, дар беморхонаҳо ё хонаҳо таҳти карантин гирифта шуданд ва табибон ҳамеша ҳолати беморонро назорат мекарданд. Агар оила мошин медошт, дастрасии онҳо ба ёрӣ дар муассисаҳои тиббӣ осонтар мебуд.

Дар байни ҷавобдиҳандагони назарсанҷӣ 45,6 фоиз изҳор доштанд, ки дар давраи пандемия онҳо барои харидорӣ кардани доруворӣ аз рӯйи тақсимоти зайл пул харҷ карданд: 28,1 фоиз то 500 сомонӣ; 9,2 фоиз то 1000 сомонӣ; 4,1 фоиз то 2000 сомонӣ; 1,4 фоиз то 3000 сомонӣ; 1,3 фоиз то 4000 сомонӣ ва 1,5 фоиз то 5000 сомонӣ. Зиёда аз чоряки ҷавобдиҳандагон (28,2 фоиз) изҳор доштанд, ки онҳо ҳеҷ пуле харҷ накарданд ва шумораи ба ҳамин монанд (25,2 фоиз) ба савол ҷавоб надоданд.

**Тасвири 24: Рад кардани хизматрасонии тиббӣ ба сабаби қимат будан он**




Дар ҳоле ки аксарияти ҷавобдиҳандагон (59,7 фоиз) ба ҳолати даст кашидан аз ёрии тиббӣ бо сабаби арзишаш рубарӯ нашуданд, 16,3 фоиз дар давраи пандемия маҷбур шуданд ба сабаби даромади ками оила аз дорувории қимат даст кашанд, 10,5 фоиз аз муоинаи тиббии қимат даст кашиданд, 9,5 фоиз аз муолиҷаи тиббии қимат даст кашиданд ва 4 фоиз аз машварат дар дармонгоҳҳои хусусӣ даст кашиданд.

# ТАҲСИЛОТ

Таҳдиди ҷорӣ, ки аз КОВИД-19 сарчашма мегирад, эҳтимолан ба таҳсилот ва некӯаҳолии равониву иҷтимоии кӯдакон таъсири дарозмуддат дошт. Дар айни замон, дар Тоҷикистон тақрибан ду миллион кӯдак ва ҷавони аз 7 то 17 сола дар мактабҳо таҳсил мекунанд. Дар соли таҳсили 2019-2020 зиёда аз ду миллион кӯдак дар 3 884 муассисаи таълимии таҳсилоти умумии миёна таҳсил мекарданд (СММ дар Тоҷикистон, 2020c).

КОВИД-19 на танҳо ба иқтисоди ҷаҳон, балки ба дигар ҷанбаҳои ҳаёт, аз ҷумла ба низоми таҳсилот дар саросари ҷаҳон таъсири худро расонд. Пандемияи КОВИД-19, бо таъсири худ тақрибан ба 1,6 миллиард хонанда дар зиёда аз 190 кишвари тамоми қитъаҳои дунё бузургтарин халалро ба низоми таҳсилот дар таърихи инсоният ворид кард.

Ин таъсир тамоми сатҳҳои таҳсилоти ҳамаи кишварҳо: томактабӣ, мактабӣ, касбӣ ва таҳсилоти олиро дар бар мегирифт. Таҳлилгарон мегӯянд, ки пандемияи КОВИД-19 ба мушкилоти мавҷудаи маорифи ҷаҳон шиддат бахшидааст. Қабл аз пандемия 258 миллион кӯдаки синну соли мактабӣ ба мактаб намерафт (ЮНЕСКО, 2021c.), дар ҳоле

ки қисми зиёди кӯдакон камтар таҳсил мекарданд ва сифати он пасттар буд. Кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ба таҳсилоти мактабӣ дастрасии камтар доштанд, сатҳи тарки мактаб дар байни онҳо баланд буд ва онҳо норасоиҳои ҷиддии омӯзишӣ доштанд.
Бонки ҷаҳонӣ муайян кардааст, ки пандемияи КОВИД-19 пешрафти омӯзиширо дар саросари ҷаҳон аз ду ҷиҳат зери таҳдид мегузорад: Якум, ба сабаби тақрибан пурра баста шудани мактабҳо дар тамоми сатҳҳо; ва дуюм, дар натиҷаи тануззули иқтисодӣ, ки аз андешидани чораҳои марбут ба маҳдуд нигоҳ доштани пандемия сарчашма мегирад.

Барои мусоидат ба таъмини яке аз ҳуқуқҳои башар дар чунин ҳолатҳо – ҳуқуқ ба таҳсил Созмони милали муттаҳид ба кишварҳои узви худ дастури "Ёддошти таҳлилӣ: Таҳсилот дар давраи КОВИД-19 ва баъд аз он"-ро пешниҳод намуд, ки дар он ба ҳуқуқи ворид намудани интернет ва пайвастшавии рақамӣ диққати махсус дода мешавад. Диққати назаррас ба истифодаи технология барои таъмини пайвастагии омӯзиш дода шуд. Он роҳҳалҳои рақамӣ барои беҳбуд бахшидан ба таълим ва омӯзиш, ки дар пайи пандемия ниҳодина шуданд, бояд баробарӣ ва инклузияро дар маркази худ қарор диҳанд, то итминон ҳосил шавад, ки ҳамаи кӯдакон аз онҳо баҳра бурда метавонанд. (Созмони милали муттаҳид, 2020c.).

Дар Тоҷикистон 4 030 100 кӯдаки аз 1 то 18 сола зиндагӣ мекунад. Дар ҳоли ҳозир дар кишвар 3 911 мактаб, аз ҷумла 326 мактаби ибтидоӣ, 419 муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ ва 3 169 муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна мавҷуд аст (Системаи идоракунии маълумоти соҳаи маориф). Ҳамчунин 150 муассисаи таълимии шакли нав, аз ҷумла 75 гимназия ва 75 литсей вуҷуд дорад. Шумораи умумии хонандагон дар ин муассисаҳо 2 108 942 нафарро ташкил медиҳад. Дар кишвар 662 муассисаи томактабӣ мавҷуд аст, ки аз онҳо 65,2 фоиз дар шаҳрҳо ва 34,8 фоиз дар деҳот воқеанд. Дар муассисаҳои томактабӣ 135 506 кӯдак тарбия мегиранд (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020c.).

**Тасвири 25. Таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи навъи онҳо**




Назарсанҷӣ нишон дод, ки пеш аз пандемия 100 фоизи кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ дар мактабҳо сабти ном шуда буданд, ки аз ин шумора 75 фоиз дар мактабҳои миёна, 4,7 дар гимназияҳо, 2 фоиз дар литсейҳо, 24,6 фоиз дар муассисаҳои томактабӣ ва 0,4 фоиз кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд дар мактабҳои махсус таълиму тарбия мегирифтанд.

**Тасвири 26: Таълими дар давраи пандемия гирифташуда**




Аз 95,3 фоизи кӯдаконе, ки ба муассисаҳои таълимӣ намерафтанд, 53,7 фоизи онҳо шакли телевизионии дарсҳоро, ки Вазорати маориф ва илм ташкил карда буд, тамошо мекарданд. 46,3 фоизи кӯдакони боқимонда ё аз ин дарсҳо огоҳӣ надоштанд, ё онҳоро тамошо намекарданд. Иштироккунандагони МГТТ ба мактаб намерафтанд, чунки ба хотири ҳифзи саломатии кӯдакон, дар мактабҳо карантин эълон карда буданд. Онҳо ба муддати се моҳ – аз 27 апрел то 17 августи соли 2020 ба мактаб намерафтанд. Кӯдакон ба воситаи телевизор аз рӯйи барномаҳои таълимӣ бо забонҳои гуногун таҳсил мекарданд. Вале онҳо аз ин, ки ба мактаб рафта наметавонистанд, хеле норозат буданд.

**Тасвири 27: Давомнокии дурӣ аз таълим**




Таҳқиқот ошкор кард, ки дар давраи пандемия 95,3 фоизи кӯдкон ба муассисаҳои миёна ва томактабӣ намерафтанд. Аксарияти хонандагони мактабҳои миёна ва литсейҳо (43,4 фоиз) ба муддати 1-2 моҳ ба дарсҳо намерафтанд; 29,1 фоизи кӯдакони синни соли томактабӣ ба муддати 3-6 моҳ ба муассисаҳои томактабӣ намерафтанд; ва 21,5 фоизи кӯдакон ба муддати 6-12 моҳ ба муассисаҳои томактабӣ намерафтанд.

Аксарияти оилаҳое, ки таҳти таъсири муҳоҷират қарор доштанд (55,9 фоиз), барои таҳсили яке аз фарзандони худ дар муассисаи таълимӣ пул пардохт кардаанд, ки дараҷабандии он дар зер оварда мешавад: 36,8 фоиз то 100 сомонӣ; 13,2 фоиз то 300 сомонӣ; 2,9 фоиз то 500 сомонӣ; 2,6 фоиз то 1000 сомонӣ; 0,3 фоиз аз 1000 то 1500 сомонӣ пардохт кардаанд. Бо ин ҳол, 40,1 фоиз изҳор доштанд, ки онҳо барои таҳсили фарзандони худ ҳеҷ гуна пул пардохт накардаанд.

**Тасвири 28: Афзоиши пули таҳсил дар мактаб**




Дар ҷавоб ба ин савол, 54,8 фоизи ҷавобдиҳандагон гуфтанд, ки дар давраи пандемия пули таҳсил тағйир наёфт. Дар ин ҳол, 5,2 фоиз изҳор доштанд, ки пули таҳсил дар

мактаб ба сабаби хароҷоти иловагии марбут ба безарраргардонии муассисаҳо афзоиш ёфт.

**Тасвири 29: Сатҳи қаноатмандӣ аз сифати таълими кӯдакон**




Аз шумораи умумии ҷавобдиҳандагон, ки дар бораи сатҳи қаноатмандиашон аз сифати таълим дар мактабҳои миёна пурсида шуданд,71 фоиз изҳори қаноатмандӣ карданд. Дувоздаҳ фоиз қаноатманд набуданд ва чунин қайд карданд: дарсҳои амалӣ дар синфҳо бо истифода аз таҷҳизоти кӯҳна гузаронида мешаванд; воситаҳои аёнӣ истифода намешаванд; барои гузаронидани дарсҳои амалӣ маводҳои масрафшаванда вуҷуд надоранд; воситаҳои муосири таълимӣ (компютерҳо, тахтаи электронӣ) дар рафти дарс истифода намешаванд; дар муассисаҳои таълимӣ муаллимони математика ва химия намерасанд. Дар ҳамин ҳол, 14,7 фоизи ҷавобдиҳандагон гуфтанд, ки онҳо дар посух гуфтан ба ин савол душворӣ мекашанд. Дар аксари ҳолатҳо, ҷавобдиҳандагоне, ки маълумоти миёна ва касбӣ надоштанд, дар посух гуфтан ба ин савол душворӣ мекашиданд.

**Тасвири 30: Сарфаи пул барои таҳсилот дар давраи пандемия**



Назарсанҷӣ ошкор кард, ки 54,8 фоизи ҷавобдиҳандагон дар давраи пандемия аз ҳисоби таҳсилоти фарзандони худ пул сарфа накарданд. Дар ҳамин ҳол, 37,7 фоиз маҷбур шуданд иштироки фарзандони худро дар машғулиятҳои беруназзинфӣ, клубҳо ва варзиш кам кунанд. Ҳамчун сабабҳои асосӣ инҳо қайд карда шуданд: коҳиши интиқоли маблағҳо (31,9 фоиз) ва эҳтиёҷоти таъхирнопазири оилаҳо ба монанди: хӯрока ва ашёҳои мавриди ниёзи аввалия (34,0 фоиз), бе ҷойи кор мондани падару модарон (17,7 фоиз), эҳтиёҷоти равониву эҳсосӣ (16,3).

**Тасвири 31: Қабул шудан ба таҳсили масофавӣ/дар хона**




Аксарияти кӯдакон (79,8 фоиз) ба таҳсили масофавӣ дастрасӣ пайдо карда наметавонистанд. Ин ба он хотир рух дод, ки шароит барои таҳсили масофавӣ мавҷуд нест. Кӯдакон дар оилаҳо бо истифодаи нокофии технологияҳои иттилоотӣ ва дастрасии нокофӣ ба интернет ва берун будан аз минтақаи фаъолияти шабака рубарӯ мешуданд. Инро ҳам бояд қайд кард, ки хонандагон дар минтақаҳо наметавонанд бо истифода аз манбаҳои онлайнӣ дарс хонанд. Дастарсӣ ба интернет дар шаҳрҳои марказӣ ва бузург то ҳадде қаноатбахш аст, вале арзиш ва суръати он баъзе мушкилотро ба миён меоранд. Дар баъзе қисмҳои кишвар, бахусус дар минтақаҳои кӯҳистон, таҳсили масофавӣ ба сабаби мавҷуд набудани интернет ғайриимкон гашт. Танҳо 20,2 фоизи кӯдакони ҷавобдиҳандагон дар давраи пандемия бо таҳсили масофавӣ, ки мактабҳои миёна, асосан дар Душанбе ва Хуҷанд, инчунин литсей Оғохон дар шаҳри Хорӯғ ташкил карда буданд, фаро гирифта шуданд.

Арзёбии зуди эҳтиёҷоти соҳаи маориф (АЗЭСМ), ки бо иштироки шӯъбаи маорифи ноҳия (ШМН) ва шӯъбаи маорифи вилоят (ШМВ) ва мактабҳо гузаронида шудааст, ба он далолат мекунад, ки ҳеҷ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таълими масофавии хонандагони худ машғул набуд. Ин хулосаҳо дар мактабҳо, ки дар давраи гузаронидани ҳамин назарсанҷӣ надоштани таҷрибаи таълими масофавии худро баён карданд, тасдиқи худро ёфтанд (АЗЭСМ, 2020с.).

АЗЕСМ маълум кард, ки дар умум таҳсили хонагӣ дар байни муассисаҳои пурсидашуда вуҷуд дорад, ба тавре ки 37 фоизи ҷавобдиҳандагон тасдиқ карданд, ки

баъзе аз фарзандони онҳо дар хона таҳсил мекарданд. Аз мактабҳое, ки иддао мекарданд ҳеҷ таҳсили хонагӣ дар фаъолиятҳои таълимии онҳо вуҷуд надошт, 33 фоизи онҳо хабар доданд, ки онҳо барои назорати омӯзиши кӯдакон аз телефон ҳамчун восита истифода мекарданд. Дар ҳамин ҳол, 22 фоиз бар ин бовар буданд, ки назорати падару модар барои таҳсил дар хона воситаи асосӣ ба шумор меравад; ва 18 фоизи мактабҳо муаллимонро ба боздид аз хонаҳои кӯдакон сафарбар мекарданд.

Ҷавобҳои ШМН ва ШМВ ба таври умум ба дидгоҳҳои маъмурияти мактабҳо монанд аст, ба тавре, ки 40,6 фоизи ҷавобдиҳандагони АЗЭСМ ба он ишора мекунанд, ки омӯзиши давомдор ба воситаи таҳсили хонагӣ, ки аз ҷониби омӯзгорон ба востиаи суҳбатҳои телефонии мунтазам (яъне, ҳар ҳафта) бо кӯдакон ва падару модарони онҳо сурат мегирад, таъмин карда мешавад. Илова бар ин, 28,1 фоизи ШМН ва ШМВ тасдиқ карданд, ки кӯдакон бо роҳнамоӣ ва назорати бевоситаи падару модарон ба худомӯзӣ ташвиқ карда мешаванд.

Дар ҳоле ки намояндагони ШМН ва ШМВ эътироф карданд, ки онҳо қаблан фаъолиятҳои таълимии фосилавиро дар ҳеҷ мактаби ноҳия/шаҳри худ назорат накардаанд, аз 60 маъмурияти мактаб 9-тои он воқеан ба назорати таҳсили фосилавии баъзе кӯдакон машғул шуданд. Ин кӯдакон тақрибан танҳо аз тариқи телефон назорат мешуданд, гарчанде намояндагони ду мактаб иддао карданд онҳо дар воқеъ омодагии кӯдаконеро, ки бояд дар мусобиқаҳои таҳсилии миллӣ (ба монанди, олимпиадаҳо ва озмунҳои фаннӣ) иштирок мекарданд, назорат мекарданд.

**Тасвири 32: Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва интернет**




Назарсанҷии АТҲК ошкор кард, ки 63,1 фоизи ҷавобдиҳандагон мунтазам аз компютерҳо, планшетҳо, ноутбукҳо ва смартфонҳо истифода мекарданд, дар ҳоле ки 36,9 фоиз гуфтанд, ки онҳо чунин имконият надоштанд. Аз инҳо, 38 фоиз гуфтанд, ки фарзандони онҳо чунин дастгоҳ надоранд, 10,1 фоиз изҳор доштанд, ки нархи интернет баланд ва сифати он паст аст ва 15 фоиз гуфтанд, ки онҳо барои харидорӣ

кардани чунин таҷҳизот барои фарзандони худ маблағ надоранд. Ҷавобдиҳандагон ишора карданд, ки онҳо барои кор дар ҳавзаи рақамӣ омода набуданд, чунки кӯдакони онҳо маҳорати кофии кор бо компютерро надоштанд ва онҳо таҷҳизоти техникӣ доштанд, вале ба сабаби баланд будани нархи интернет ба он дастрасӣ надоштанд.

**Тасвири 33: Дарсҳои телевизионӣ, ки кӯдакон дар давраи пандемия тамошо карданд**




Аксарияти ҷавобдиҳандагон (52,6 фоиз) изҳор доштанд, ки дар давраи пандемия аз рӯйи баъзе фанҳо фарзандони онҳо ба дарсҳои телевизионӣ, ки Вазорати маориф ва илм тавассути Муассисаи давлатии телевизиони кӯдакону наврасон «Баҳористон» дастрасӣ доштанд. Боқимонда – 27,6 фоизи кӯдакон аз ин барномаҳои истифода набурданд ё гуфтанд, ки дар бораи онҳо хабар надоштанд (19,8 фоиз).

# ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ҲУҚУҚӢ

Кумаки ҳуқуқӣ дар шароити пандемияи КОВИД-19 бояд ҳамаи ҷанбаҳои мустақиман марбут ба паҳншавии вирус ва оқибатҳои бевосита ва бавоситаи онро дар бар гирад. Барои мисол, адвокатҳо метавонанд дар таҳия намудани нақша барои расидагӣ кардан ба бӯҳрон, ки аз пандемия сарчашма мегирад, ёрӣ расонанд. Бо дар назар гирифтани таҳаввулоти манфии ҳар вазъият, дастурамалҳо ва муқаррарот барои тақвият бахшидан, ё яку якбора аз байн бардоштани маҳдудиятҳо метавонанд таҳия карда шаванд.

**Тасвири 34: Эҳтиёҷ ба кумаки ҳуқуқӣ**




Таҳқиқот муайян кард, ки дар давраи пандемия 92,6 фоизи оилаҳо ба кумаки ҳуқуқӣ ниёз надоштанд, дар ҳамин ҳол 7,4 фоизи оилаҳои пурсидашуда ба он эҳтиёҷ доштанд.

**Тасвири 35: Мақомотҳое, ки ба онҳо барои дарёфти кумаки ҳуқуқӣ муроҷиат шудааст**




Таҳлили шумораи ҷавобдиҳандагон, ки дар давраи пандемия ба суроғи кумаки ҳуқуқӣ рафтанд, нишон медиҳад, ки 1,6 фоиз ба милитсия ва 1,3 фоиз ба маркази машварати ҳуқуқӣ муроҷиат кардаанд. Дар ҳамин ҳол, 0,8 фоиз ба шӯъбаи ҳуқуқи кӯдак, 0,5 фоиз ба суд, 0,4 фоиз ба созмони ҳуқуқи инсон ва 0,1 фоиз ба прокуратура муроҷиат кардаанд.

Аз 0,8 фоизи ҷавобдиҳандагоне, ки барои дарёфти кумаки ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи кӯдак муроҷиат кардаанд, 55,6 фоизи онҳо аз машваратҳои ҳуқуқӣ баҳраманд шуданд, 33 фоизи онҳо дар ҷамъоварӣ ва омода кардани ҳуҷҷатҳо дастгирӣ ёфтанд ва 11,1 фоизи онҳо барои ҳифзи манфиатҳои худ аз мақомотҳои гуногуни давлатӣ кумаки ҳуқуқӣ ба даст оваранд.

**Тасвири 36: Навъҳои дастгирии дарёфтшуда**




Аз 7,4 фоизи ҷавобдиҳандагоне, ки ба кумаки ҳуқуқӣ эҳтиёҷ доштанд, 3,1 фоизи онҳо ин кумакро дар шакли машварат ва 1,7 фоиз дар шакли ҷамъоварӣ ва омода намудани ҳуҷҷатҳо ба даст оварданд. Дар ҳамин ҳол, 1, 2 фоиз ҳангоми мурофиаҳои судӣ кумак гирифтанд ва ва 0,8 фоиз гуфтанд, ки онҳо барои аз мақомот ҳифз кардани манфиатҳои худ кумаки ҳуқуқӣ ба даст оваранд.

**Тасвири 37: Сабабҳои даст кашидан аз кумаки ҳуқуқӣ**




Аз 92,6 фоизи ҷавобдиҳандагоне, ки дар давраи пандемия барои дарёфт кардани кумаки ҳуқуқӣ муроҷиат накарданд, 63,3 фоиз онҳо гуфтанд, ки онҳо медонистанд чӣ гуна мушкилоти худро ҳал кунанд ва 11,1 фоизи онҳо гуфтанд, ки онҳо дар давраи эҳтиёҷ ба кӣ муроҷиат карданашонро намедонистанд. Дар ҳами ҳол, 5,7 фоиз гуфтанд, ки ёфтани адвокати касбӣ душвор буд; 4,2 фоиз гуфтанд, ки онҳо барои пардохт кардани ҳаққи адвокат пул надоштанд; ва 8,3 фоиз дигар сабабҳоро пеш оварданд

(масалан, ба чунин ҳолатҳо дучор нашуданд, кумаки ҳуқуқӣ хароҷоти зиёд дорад, ба сабаби даромади оила ғайриимкон аст).

**Тасвири 38: Огоҳӣ дар бораи хизматрасониҳое, ки дафтари ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак пешниҳод мекунад**




Танҳо 36 фоизи ҷавобдиҳандагон дар бораи он, ки дафтари ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон хизматрасонӣ пешниҳод мекунад ва ин, ки хизматрасониҳои дафтари ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар минтақаҳои кишвар ройгон аст, огоҳӣ доштанд. Зиёда аз 30 фоизи онҳо дар бораи ин хизматрасониҳои ройгон намедонистанд. Ҳангоми гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби мусоҳибакунандагон, 33,3 фоизи ҷавобдиҳандагон ишора карданд, ки аз ин ба баъд онҳо аз ин хизматрасониҳо истифода мекунанд.

## ЧОРАҲОИ МАХСУСИ МУҲОФИЗАТӢ БАР ЗИДДИ ПАНДЕМИЯ

Дар давраи пандемия воситаҳои муҳофизати шахсӣ (ВМШ) ба яке аз мавзӯҳои муҳими муҳокимарониҳо табдил ёфт. КОВИД-19 ба воситаи тамос ва қатра паҳн мешавад ва дар фосилаи ҳудуди як метр аз ҳамлкунанда паҳн мешавад. Ба ибораи дигар, қатраҳои дар ҳаво муаллақ ба воситаи омехта шудан бо ҳаво (аэрозолҳо) ва нафас кашидан аз он ҳаво ё дар натиҷаи гузаронидани амалҳои табобатӣ аз як шахс ба шахси дигар мегузаранд. ВМШ-и махсусан барои кӯдакон омодашуда (масалан, ниқобҳо, маҳлулҳои антисептикӣ, собун ва ғ.) барои муҳофизати кӯдакон аз сироят ёфтан аз ҳамдигар як ҷузъи муҳим ба ҳисоб меравад. Истифодаи дурусти ВМШ эҳтимолияти сироят ёфтан аз вирусро аз байн намебарад, вале ба таври назаррас

онро коҳиш медиҳанд. Тавсияҳои созмонҳои байналмилалӣ доир ба ВМШ умуман ба ҳамдигар монанданд, вале тартиби ягонаи истифодаи онҳо вуҷуд надорад.

**Тасвири 39: Манбаи маълумот оид ба КОВИД-19**




Барои ин савол, ба ҷавобдиҳандагони назарсанҷӣ имконият дода шуд, ки се ҷавобро интихоб кунанд. Назарсанҷӣ нишон дод, ки 99,6 фоизи ҷавобдиҳандагон дар бораи КОВИД-19 шунидаанд, 0,4 фоиз бошанд, нашунидаанд. Аз байни онҳое, ки дар бораи КОВИД-19 медонистанд (76 фоиз) аз радио, телевизион ва рӯзномаҳо; 47,7 фоиз аз марказҳои тиббӣ ва табибони оилавӣ огоҳ шудаанд. Дар ҳамин ҳол, 43,2 фоиз аз дӯстон ва хешовандон; 72,3 фоиз аз шабакаҳои иҷтимоӣ шунидаанд; 4,5 фоизи ҷавобдиҳандагон гуфтанд, ки онҳо аз СҒҲ маълумот ба даст овардаанд. Натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки дар умум ҷавобдиҳандагон аз пандемияи КОВИД-19 огоҳӣ доштанд. Гумон меравад, ки сатҳи огоҳӣ аз КОВИД-19 дар байни кӯдаконе, ки таҳти таъсири муҳоҷиратанд ва кӯдакони дигар фарқият вуҷуд надорад.

Панҷоҳ фоизи иштироккунандагони МГТТ маълумоти муҳимро дар бораи пандемия аз падару модар ва дигар хешовандон  ба даст овардаанд ва панҷоҳ фоизи боқимонда чунин маълумотро аз интернет, телевизион ва радио дарёфт кардаанд. Нисфи кӯдаконе, ки аз падару модаронашон маълумот ба даст овардаанд, ишора карданд, ки ҳамеша таҳти назорати онҳо қарор доштанд. Падару модарон ба онҳо дар бораи аҳамияти ниқоби тиббӣ, маҳлулҳои антесептикӣ, даспӯшакҳо ва нигоҳ доштани масофаи иҷтимоӣ гап задаанд. Панҷоҳ фоизи падару модарон кӯдакони худро аз пандемия огоҳ накарданд, зеро ба гуфтаи кӯдакон, падару модарон намехостанд кӯдакони худро бо маълумоти манфӣ дар бораи бемории бор кунанд ва онҳоро дар маърази стресси шадид қарор диҳанд. Понздаҳ фоизи иштироккунандагон пешниҳод

карданд, ки барномаи махсус барои огоҳсозии кӯдакон ва наврасон дар бораи КОВИД-19 бояд таҳия карда шавад. Ин ба он хотир аст, ки онҳо маълумотро аз рекламаҳо ба даст меоварданд ва онро ҷиддӣ намегирифтанд. Агар барномаи махсус барои кӯдакон таҳия карда мешуд ва бо далелҳои илмӣ ва тиббӣ тақвият меёфт, ин барои ҳимояи онҳо муфидтар мебуд. Дар умум, пеш аз баста шудани мактабҳо кӯдакон маълумот дар бораи беморӣ ва чӣ тавр аз он эмин монданро аз мактабҳо ва кормандони тиббӣ ба даст меоварданд.

**Тасвири 40: Дастрасии ҳамарӯза ба маҳлулҳои антисептикӣ (падару модарон)**




Ҷавобдиҳандагон дар бораи дастрасии рӯзмарраашон ба навъҳои гуногуни ашёҳои антисептикӣ, ки барои пешгирӣ кардани КОВИД-19 самарабахшанд, пурсида шуданд. Таҳлили додаҳои назарсанҷӣ нишон медиҳад, ки дар умум 96 фоизи ҷавобдиҳандагон дар давраи пандемия барои ҳаммом кардан, шустушӯ кардани либосҳо ва дигар эҳтиёҷоти хона ба об дастрасӣ доштанд. Дар ҳамин ҳол, 75 фоизи ҷавобдиҳандагон ба маҳлулҳои антисептикӣ ва 75 фоиз ба ниқобҳои тиббӣ дастрасӣ дошта, 25 фоизи ҷавобдиҳандагон бошанд, ба онҳо дастрасӣ надоштанд.

**Тасвири 41: Дастрасӣ ба ниқобҳои тиббӣ**




Аз байни ҷавобдиҳандагоне, ки гуфтанд ба ниқобҳои тиббӣ дастарсӣ надоштанд, 14,4 фоизи онҳо барои харидорӣ кардани ниқоб пул надоштанд. Дар ҳамин ҳол, 6,1 фоиз гуфтанд, ки дар давраи пандемия нархи ниқобҳои тиббӣ боло рафт ва 2,1 фоиз изҳор доштанд, ки ниқоб дар минтақаи онҳо дар фурӯш набуд (асосан деҳот). Танҳо як фоизи хурди (1,9 фоиз) ҷавобдиҳандагон гуфтанд, ки онҳо дар давраи пандемия намехостанд ниқоб пӯшанд ва 0,1 фоиз фикр мекарданд, ки ниқобҳои тиббӣ одамонро аз КОВИД-19 муҳофизат намекунанд.

**Тасвири 42: Сатҳи дилсардӣ, афсурдагӣ/ноумедӣ, ки пандемия ба вуҷуд овард**




Табиист, ки халали дарозмуддат ба тарзи ҳаёти муқаррарӣ ба ҷаҳонбинӣ ва дарки ҷавобдиҳандагон таъсир расонд. Аз шумораи умумии ҷавобдиҳандагон 25,7 фоиз гуфтанд, ки дар давраи пандемия онҳо худро каме афсурда эҳсос карданд; 25,4 фоиз гуфтанд, ки сатҳи афсурдагӣ/ноумедии онҳо миёна буд; 23,4 фоиз хабар доданд, ки онҳо хеле афсурда буданд ва 12,7 фоиз гуфтанд, ки онҳо бениҳоят афсурда буданд. Танҳо 12,5 фоиз зикр карданд, ки дар давраи пандемия онҳо тамоман афсурдагиро

эҳсос накарданд. Назарсанҷӣ ошкор кард, ки аксари ҷавобдиҳандагон (87 фоиз) дар давраи пандемия азоби равонӣ кашиданд ва ба тавонбахшии равонӣ эҳтиёҷ доштанд.

Иштироккунандагони МГТТ дар бораи КОВИД-19 ва таъсири он ба одамон хабардор шуданд ва таҳти фишори шадид қарор гирифтанд, чунки онҳо ҳамеша дар бораи он фикр мекарданд ва дар ташвиш буданд, ки ҳар узви оилаи онҳо метавонист бемор шавад ва ҷони худро аз даст диҳад. Вақте ки вазъияти пандемия каме беҳтар шуд, онҳо аз ин вазъияти пур аз парешонӣ берун шуданд ва ҳассосияти одамон ба беморӣ сусттар шуд ва эҳтимолияти вафот кардани онҳо коҳиш ёфт. Баъзе кӯдаконе, ки дар хона мемонданд ва дӯстони худро намедиданд, гуфтанд, ки онҳо афсурдагиро эҳсос намекарданд, чунки онҳо ҳамеша бо дӯстон ва ҳамсинфони худ ба воситаи телефон ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар тамос буданд .

Ҳамзамон, вазъияти пандемия ва ҷорӣ намудани карантин кӯдакон ва оилаҳои онҳоро ба ҳамдигар наздиктар кард. Дар ҳоле ки баъзе кӯдакон аз дӯстони худ дур буданд, онҳо дарк карданд, ки то кадом андоза дӯстони наздик ва ҳамсинфон барои онҳо муҳиманд. Кӯдакон вақти зиёдро бо аъзоёни оилаҳои худ мегузарониданд, ки ин ба онҳо таъсири мусбат мерасонд. Дар давраи пандемия баъзе кӯдакон ба модарони худ дар корҳои хона ёрӣ мерасонданд. Азбаски падарони онҳо муҳоҷирони меҳнатӣ буданд ва модаронашон ҳам кор мекарданд, кӯдакон баъзе корҳои хонаро анҷом медоданд (ба монанди тоза кардан, ғамхорӣ ва нигоҳубини бародарону хоҳарон, барои хариди хӯрока ба бозор рафтан ва ғ.) (БРСММ, 2021с.).

**Тасвири 43: Иштироки кӯдакон дар машғулиятҳои варзишӣ ва ҷисмонӣ**




Таҳқиқот ошкор кард, ки қисмати бештари кӯдакон (39,5 фоиз) дар хона ва 15,4 фоиз дар муҳити табиат ба варзиш машғул буданд, 10,7 фоиз дар берун ба муддати кӯтоҳ

ба варзиш машғул буданд ва 14,5 фоиз дар давраи пандемия ба варзиш машғул шуданро пурра қатъ карданд.

Барои иштироккунандагони МГТТ ва оилаҳои онҳо мушкилоти асосӣ он буд, ки онҳо ба мактаб намерафтанд, зеро муассисаҳои таълимӣ ба муддати муайян баста буданд. Кӯдакон ва падару модарони онҳо барои тобистон нақшаҳо доштанд; барои онҳо иштирок дар машғулиятҳои берунасинфӣ аз фанҳои гуногун ва машқ дар толорҳои варзишӣ таъйин шуда буд. Дар зимни ин, аз оғози пандемия ва эълон шудани карантин дар кишвар, нақшаи тобистонаи кӯдакон халалдор шуд. Онҳо тамоми рӯз дар хона мемонданд ва ба берун рафта наметавонистанд. Даҳ фоизи кӯдакон нақша доштанд ба лагерҳои тобистона раванд, вале натавонистанд. Дар натиҷаи барбод рафтани нақшаҳои онҳо ва ҳатто ба берун рафта натавонистани онҳо, ин кӯдакон хеле ғамгин ва афсурда шуданд. Бо ин, ки тамом рӯз дар хона мемонданд, онҳо гуфтанд, ки хоҳиши анҷом додани ҳеҷ кореро надоштанд. Ин гуфтаҳоро ҷавобҳои аз назарсанҷӣ бадастоварда тақвият медиҳанд (ниг. ба тасвири 42), ки нишон медиҳанд 87 фоизи падару модарон/парасторон ба як навъе ё навъи дигаре аз афсурдагӣ рубарӯ шуданд ва машғулиятҳои варзишии кӯдакон халалдор шуданд ё таҳти таъсир қарор гирифтанд (ниг. ба равми 43).

Аз ёддоштҳои МГТТ хулоса баровардани мумкин аст, ки пандемия ва карантин ба кӯдакон таъсири гуногун доштааст: баъзеи онҳо афсурда ва таҳти фишор қарор гирифтанд, кӯдакони дигар арзиши дӯстони худро дарк карданд ва низ ба аъзоёни оилаҳои худ наздиктар шуданд. Бо вуҷуди як қатор ҳолатҳои манфӣ, ба назар мерасад, ки ин давра ба насли ҷавонтар худомӯзиро ёд дод. Вақте ки зеҳни кӯдак масъулиятро барои вазифаҳои бевоситаи ӯ ташаккул медиҳад, ин ҷанба хеле муҳим аст.

Ҳамин тавр, агарчӣ ҳеҷ яке аз кӯдакон ва наврасоне, ки дар гурӯҳҳои таҳти таваҷҷуҳ иштирок карданд, ба кумак муроҷиат намекарданд, онҳо аз чораҳои андешидашудаи ҳукумат дар давраи пандемия қаноатманд буданд, чунки давлат дар мактабҳо, муассисаҳои таълимӣ, боғчаҳои кӯдакон, муассисаҳои хӯроки умумӣ, донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ карантин ҷорӣ карда буд. Ҳукумат ҳамчунин талошҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ аз чораҳои муҳофизатӣ бар зидди вирусро дастгирӣ мекард. Онҳо ба одамон мефаҳмонданд, ки аз кадом воситаҳои истифода баранд, то ки на танҳо худ, балки дигаронро низ вирус эмин нигоҳ доранд. Чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар мактабҳо, боғчаҳои бачагон ва донишгоҳҳо аз ҷониби кормандони тиббӣ, ки хона ба хона мегаштанд, анҷом дода шуд. Кӯдакон гуфтанд, ки онҳо аз кори анҷомшуда пурра қаноатманд ҳастанд. Ба онҳо гуфта шуд, ки ба ҳамдигар даст нидиҳанд, ҳамдигарро ба оғӯш нагиранд ва масофаи иҷтимоиро риоя кунанд ва ҳамаи ин чораҳо ба онҳо кумак кард, то ки ин давраи душворро паси сар кунанд.

# НАТИҶАҲОИ АСОСӢ

Ин фасл баъзе мушоҳидаҳоро дар мавриди таъсири КОВИД-19 ба кӯдакон дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод мекунад.

**Муҳити оила ва дараҷаи ғамхорӣ:**

- Аксарияти ҷавобдиҳандагон (58,6 фоиз) ишора карданд, ки онҳо дар давраи пандемия ҳеҷ кумаке дарёфт накарданд. Камбуди маълумот дар бораи хизматрасониҳои мавҷуда ва надоштани ҳаққи дарёфти кӯмак ҳамчун сабабҳои асосии муроҷиат накардан барои кумак зикр шуданд.
- Кумаки ҳукумат асосан дар шакли пули нақд буд (66,5 фоиз), 19,9 фоиз дар шакли хӯрока, 5,2 фоиз – ВМШ, 4,7 фоиз – доруворӣ, 2,6 фоиз – собун ва маводҳои гигиенӣ.
- Агарчӣ оилаҳои таҳти таъсири муҳоҷират қарордошта аз ҳукумат кумак ҳам дарёфт карда бошанд, маблағи пули нақд ночиз буд ва эҳтимолан ба некӯаҳолии кӯдакон таъсире надоштааст. Маблағ ҳамчунон (ба ҳисоби моҳона) ба 40 фоизи музди (моҳонаи) ҳадди ақҷал баробар буд.
- Вазъи иқтисодии 57,6 фоизи кӯдакон асосан ба далели интиқоли пулии фиристодаи 88,6 фоизи падару модарон, ки дар давраи пандемия барнагашта буданд, беҳтар шуд.
- Бисту панҷ фоизи ҷавобдиҳандагон пасандоз доштанд, ки ба ҳисоби миёна дар тӯли се моҳ барои онҳо ба душворӣ кифоят мекарад. Зиёда аз 35 фоизи ҷавобдиҳандагон ҳеҷ гуна пасандоз надоштанд ва бинобар ин дар давраи пандемия зиндагӣ барои онҳо душвор буд ва онҳо ба кумаки иҷтимоӣ эҳтиёҷ доштанд.
- Аксарияти (59 фоиз) кӯдаконе, ки бо онҳо мусоҳиба анҷом дода шуд, нигаронии худро дар бораи КОВИД-19 изҳор карданд. Ҳамин воқеият, ки онҳо қаблан ҳеҷ гоҳ ба чунин вазъият дучор нашуда буданд, сабаби нигаронии ҷиддӣ ба шумор меравад. Ба муддати тӯлонӣ халалдор кардани тарзи ҳаёт ва фаъолияти муқаррарӣ ба ҷаҳонбинии наслҳои ҷавон бе таъсир намонд. Пандемияи

КОВИД-19 ба ҳаёти иҷтимоии кӯдакон ва наврасон таъсири амиқ ворид кард. Онҳо таҳти фишор қарор доштанд ва хеле афсурда шуданд.

- Дар давраи пандемия дар кишвари қабулкунанда 50 фоизи коргарони муҳоҷир кори худро аз даст доданд ва танҳо 33,4 фоизи онҳо тавонистанд ба ватан баргарданд. Дар давраи пандемия 41,1 фоизи оилаҳо кумакҳои гуногун ба даст овარданд, ки асосан аз ҷониби идораҳои давлатӣ таъмин карда шуданд.

## Хизматрасониҳои асосии тиббӣ

- Таҳқиқот нишон дод, ки дар давраи пандемия 30,2 фоизи оилаҳои муҳоҷир бемор шуданд, ки аз онҳо 2 фоизашон кӯдакон буданд. Дар ҳамин ҳол, 63,1 фоизи ҷавобдиҳандагон барои дарёфти кумаки тиббӣ ба муассисаҳои тиббӣ муроҷиат карданд, 40,6 фоизи ҷавобдиҳандагон сатҳи қаноатмандии худро аз сифати ёрии тиббӣ изҳор карданд. Ҳамзамон, 40,1 фоизи оилаҳо ба сабаби баланд будани нархҳо маҷбур шуданд аз муоинаи зарурӣ ва муолиҷа даст кашанд.

## Таҳсил ва фароғат

- Таҳқиқот ошкор кард, ки 100 фоизи кӯдакон пеш аз паҳншавии пандемия ба мактабҳои миёна ва муассисаҳои томактабӣ мерафтанд. Дар давраи пандемия 96 фоизи кӯдакон ба мактабҳои миёна намерафтанд, чунки дар саросари кишвар карантин эълон шуда буд. Нисфи кӯдаконе, ки ба мактаб намерафтанд (53,7 фоиз) шакли телевизионии дарсҳоро, ки Вазорати маориф ва илм ташкил карда буд, тамошо мекарданд; 46,3 фоизи боқимонда ё аз ин дарсҳо огоҳӣ надоштанд, ё онҳоро тамошо намекарданд. Дар ин давра, танҳо 4 фоизи кӯдакон барои таҳсили масофавӣ сабти ном шуда буданд. Фарзандони он оилаҳое, ки падару модаронашон барои таҳсилоти онҳо маблағ пардохт мекарданд, зикр карданд, ки дар давраи пандемия маблағи таҳсил боло нарафт, ба тавре ки 80 фоизи кӯдакон гуфтанд, ки онҳо ба таҳсили босифат дастрасӣ доштанд. Дар натиҷаи эҳтиёҷоти фавқулоддаи нави оилаҳо 37,7 фоизи ҷавобдиҳандагон маҷбур шуданд дар хароҷоти таҳсилоти изофии фарзандони худ сарфаҷӯӣ кунанд. Дар давраи пандемия 19,8 фоизи кӯдакон гуфтанд, ки онҳо дар бораи мавҷудияти чунин барномаҳо хабар надоштанд ва 26 фоиз гуфтанд онҳо ин барномаҳоро истифода набурданд.

### Хизматрасониҳои ҳуқуқӣ

- Ба таври куллӣ, таҳлили додаҳо нишон дод, ки дар давраи пандемия 92,6 фоизи оилаҳо барои дарёфт кардани ёрии ҳуқуқӣ муроҷиат накарданд. Сабабҳои асосӣ он будааст, ки онҳо метавонистанд мушкилоти худро ҳаллу фасл кунанд; онҳо намедонистанд, ки ба онҳо кӣ кумак карда метавонад, ё хизматрасониҳои хеле қимат будаанд. Таҳқиқот нишон дод, ки 74 фоизи ҷавобдиҳандагон аз мавҷудияти ин хизматрасониҳо ба аҳолӣ, ки аз ҷониби идораҳои минтақавии ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба таври ройгон пешниҳод карда мешуданд, огоҳ набуданд.

### Чорабиниҳои муҳофизатии махсус

- Аксарияти ҷавобдиҳандагон (99,4 фоиз) дар бораи КОВИД-19 маълумот доштанд. Паҳнкунандагони асосии маълумот оид ба КОВИД-19 дар минтақаҳо радио, телевизион, шабакаҳои иҷтимоӣ ва марказҳои тиббӣ буданд. Ҳангоми гузаронидани санҷиши осебпазирӣ аз КОВИД-19 дастрасӣ ба ниқобҳои тиббӣ ва маҳлулҳои антисептикӣ барои шахсони алоҳида, ки вазъи молиявиашон ба онҳо имконияти харидорӣ кардани онҳоро намедод, душвор буд. Дар давраи пандемия 88 фоизи ҷавобдиҳандагон эҳсоси афсурдагӣ карданд, то ҳадде ки ин гурӯҳи шаҳрвандон шояд ба тавонбахшии равонӣ эҳтиёҷ доштанд.

Дар умум, пандемияи ҷаҳонӣ чорабиниҳои зиёди ҷамъиятиро халалдор кард, монеи пешрафти иқтисодӣ шуда ва ба зиндагии рӯзмарра таъсири амиқ расонд.  Пандемия ба Тоҷикистон замоне зарба зад, ки ба дунболи якчанд монеаҳои иқтисодӣ дар давоми даҳсолаи охир иқтисод ва воситаҳои зиндагӣ дар кишвар аллакай заиф шуда буданд. Баъд аз он, ки аввалин ҳолатҳои беморни КОВИД-19 эълон карда шуд, паёмадҳои иқтисодии КОВИД-19 ба зудӣ зоҳир шуданд. Аз он вақт инҷониб, тиҷоратҳо ва гурӯҳҳои осебпазир дар хати аввал қарор гирифтанд. Таъсири пандемия ба ҳаёт ва системаи тандурустӣ дар таърихи баъд аз ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон бесобиқа буд.

# ТАВСИЯҲО

- Таҳия намудани Стратегияи миллии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд бо диққати асосӣ ба кӯдакон ва оилаҳое, ки беназорат мондаанд.
- Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба хизматрасониҳое, ки ба коргарони муҳоҷири баргашта ва оилаҳои онҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва шуғл расонида мешаванд.
- Ташкил кардани курсҳои такмили ихтисос ва таълим дар муассисаҳои ибтидоии касбӣ-техникӣ ва маркази омӯзиши калонсолон барои коргарони муҳоҷири баргашта оид ба касбҳое, ки дар бозори меҳнати ватанӣ талабгор доранд.
- Расондани кумак ба оилаҳое, ки таҳти таъсири муҳоҷират мондаанд, дар рафъ намудани оқибатҳои КОВИД-19 (бухусус, дастгирӣ бояд дар ёфтани кор, ҷудо кардани қарзҳои хурд, тартиб додани нақшаҳои тиҷорат, машғул шудан ба тиҷорати хурду миёна, ҷудо кардани замин барои кор дар деҳа ва ғ.).

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

- Идома додани гузариш ба рақамисозии таҳсилот, татбиқи методҳои масофавии омӯзиш дар мактабҳои миёна ва огоҳ кардани хонандагон ба воситаи дарсҳои телевизионӣ ва дигар платформаҳо (масалан, замимаи Maktab Mobile app).
- Ба вуҷуд овардани муҳити муносиб ва таъмини дастрасии кӯдакони таҳти таъсири муҳоҷират қарордошта ба омӯзиши масофавӣ.

**Вазорати** тандурустӣ **ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

- Гузаронидани мониторинг ва таҳқиқи минбаъда оид ба вазъи саломатии оилаҳо ва кӯдакони коргарони муҳоҷир.
- АТҲК нишон дод, ки дар давраи пандемия аксари падару модарони кӯдакон эҳсоси афсурдагӣ карданд. Эҳтиёҷот ба хизматрасониҳои равонӣ возеҳу равшан буд. Бинобар ин, ВТҲИА бояд таъсис додани марказҳои тавонбахшии

равонӣ барои оилаҳо ва кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ дар минтақаҳои кишварро таъмин намояд.

- Ташкил кардани ҷаласаҳои кӯтоҳмуддат барои оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ оид ба тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва саводи ҳуқуқӣ.
- Таҳти роҳбарии ВТҲИА тақвият додани талошҳои вобаста ба паҳн кардани маълумот (ба воситаи платформаҳои рақамӣ, дар мактаб ва ҷомеа) оид ба пешгирӣ ва муолиҷа дар давраи КОВИД-19 дар байни оилаҳо ва фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҷамъиятҳои онҳо. Чунин бовар вуҷуд дорад, ки огоҳии хуби ҷомеа барои манъ кардани паҳншавии пандемия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ муҳим аст.
- Қабул кардани санади алоҳидаи ҳуқуқӣ оид ба кумаки иҷтимоии давлат ба оилаҳо ва кӯдакон дар сурати бурӯзи эҳтимолии эпидемия ва пандемияҳо.
- Таҳия ва татбиқи барномаҳои муҳофизати иҷтимоии ба таконҳо вокунишкунанда.

**Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** бояд корҳои иттилоърасониро дар байни оилаҳо ва фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ фаъол гардонад, то ки онҳо аз вуҷуди хизматрасониҳои мавҷуда огоҳ шаванд ва ба онҳо дастрасӣ дошта бошанд ва расонидани кумаки ҳуқуқӣ ба онҳоро тақвият бахшад.

# АДАБИЁТҲО


Аҳрапова С., Таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба беолоишии муносибатҳои оилавӣ дар Тоҷикистон, ЮНИСЕФ, ш.Душанбе, 2019с.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,Омори солона, ш.Душанбе, 2020с.

Созмони ҷаҳонии меҳнат, "Ёддошти таҳлилӣ: Чӣ тавр дар шароити пандемияи КОВИД-19 муҳоҷирони меҳнатӣ бояд муҳофизат карда шаванд", СҶМ, 30 апрели 2020с.

Сандуқи байналмилалии пул, "Гузориши кишварии Ҷумҳурии Тоҷикистон №23/151, СБП, 2020с.

Вазорати маориф ва илм, "Системаи идоракунии иттилооти соҳаи маориф", Вазорати маориф ва илм, ш. Душанбе. 2019с.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, "Назорати коронавирус" https://coronavirus-monitor.info/country/tajikistan/, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи мурочиат: 8 октябри 2021с.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Гузориши солона, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020с.

Пайроҳаҳо ба сӯйи муқовимат дар кишварҳои дорои иқтисоди нимахушк (PRISE), "Муҳоҷират ва устуворӣ ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон", PRISE, Ҳуҷҷати корӣ, ш.Алма-ато, 2018с.

ЮНИСЕФ, "Арзёбии зуди эҳтиёҷоти соҳаи маориф" , ЮНИСЕФ, ш.Душанбе, 2020с.

Наҷоти кӯдакон, "Таъсирҳо ба муҳофизат ва некӯаҳолии фарзандони коргарони муҳоҷир дар Тоҷикистон", Наҷоти кӯдакон, ш.Душанбе, 2014с.

Лансет, "Саломатии кӯдакон ва наврасон", Ба воя расидан дар сояи КОВИД-19, Тандурустии кӯдак ва наврасӣ Лансет, ҷилди 4, №12, 5 ноябри 2020с. саҳ. 853.

Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ, "Бӯҳрон ва барқароршавӣ: Мониторинги иқтисодиву иҷтимоӣ, Таваҷҷуҳ ба Тоҷикистон, 2021с.

Созмони милали муттаҳид, “Таҳсилот: Дар давраи КОВИД-19 ва баъд аз он”, Ёддошти таҳлилӣ, СММ, ш.Ню-Йорк, 2020с.

Созмони милали муттаҳид, “Ахбори СММ: Ҳикояҳои одамон аз нуқтаи назари дурнамои ҷаҳонӣ” https://news/un.org/ru/story/2020/11/1390772, санаи муроҷиат: 8 октябри 2021с.

Созмони милали муттаҳид дар Тоҷикистон, “Барномаи вокуниши иҷтимоиву иқтисодии ҳамгироишуда ба КОВИД-19 (БВИИҲ) барои Тоҷикистон, СММ дар Тоҷикистон, ш.Душанбе, 2020с.

Хазинаи кӯдакони Созмони милали муттаҳид, Гузориши солонаи Тоҷикистон, ЮНИСЕФ, ш. Ню-Йорк, 2020с.

Барномаи рушди Созмони милали муттаҳид, “Таъсири КОВИД-19 ба ҳаёт, воситаҳои зиндагӣ ва корхонаҳои кӯчак, хурд ва миёна (ККХМ) дар Тоҷикистон”, БРСММ, ш.Душанбе, 2020с.

Созмони илму маорифи Созмони милали муттаҳид, “Кӯдакон ва ҷавонони берун аз мактаб монда”, Донишкадаи оморҳо, <uis/unesco/ort/en/topic/out-of-school-children-and-youth>, санаи муроҷиат: 8 октябри 2021с.

Бонки ҷаҳонӣ, “Нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳон”, Пойгоҳи иттилоотии Бонки ҷаҳонӣ, https://databank.worldbank.org/source/world-development-indicators, санаи муроҷиат: 8 октябри 2020с.

Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, “Сафҳаи намоиши вазъи коронавирус (КОВИД-19)”, https://covid19/who/int, санаи муроҷиат: 8 октябри 2020с.

Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, “Бемории КОВИД-19 дар байни кӯдакон ва наврасон”, Ёддошти илмӣ, СҶТ 2021с.

# ЗАМИМАҲО

## ЗАМИМАИ 1. САВОЛНОМА ОИД БА ТАЪСИРИ КОВИД-19 БА КӮДАКОН ВА КОРГАРОНИ МУҲОҶИР

| **А. Ифодаи рамзӣ** | | |
|---|---|---|
| А.1. | Санаи мусоҳиба | |
| А.2. | Вақти мусоҳиба | |
| А.3. | Ҷойи гузаронидани мусоҳиба (вилоят) | 1. ВМКБ<br>2. Вилояти Суғд<br>3. Вилояти Хатлон<br>4. НТМ<br>5. Шаҳри Душанбе |
| А.4. | Ҷойи гузаронидани мусоҳиба (шаҳр, ноҳия) | 1. Бохтар<br>2. Ваҳдат<br>3. Ванҷ<br>4. Ҳисор<br>5. Душанбе<br>6. Кӯлоб<br>7. Мастчоҳ<br>8. Нуробод<br>9. Хуҷанд<br>10. Хоруғ<br>11. Панҷ |
| А.5. | Оё шахси ҷавобдиҳанда розӣ шуд, ки бо ӯ мусоҳиба анҷом шавад? Салом, номи ман___________ аст (номи пурраи мусоҳибакунанда). Ман мехоҳам дар бораи шумо ва оилаатон, инчунин дар бораи он, ки дар давраи пандемия ва баъд аз он бо шумо ва оилаатон ягон тағйироте рух дод, якчанд савол диҳам.<br>Мо умедворем, ки шумо бо мо ҳамкорӣ мекунед. Ин мусоҳиба тақрибан 40 дақиқа давом мекунад. | 1. Ҳа<br>2. Не (хотимаи мусоҳиба) |

| B. Хусусиятҳои демографӣ | | |
|---|---|---|
| | | |
| B.1. | Ҷинси ҷавобдиҳанда | 1. Мард<br>2. Зан |
| B.2. | Миллат | 1. Тоҷик<br>2. Ӯзбек<br>3. Рус<br>4. Дигарон___________ |
| B.3. | Синну сол | 1. Санаи таваллуди ҷавобдиҳанда __________ |
| B.4. | Вазъи оилавӣ | 1. Муҷаррад<br>2. Оиладор<br>3. Бевамонда<br>4. Талоқшуда<br>5. Дигар _______________ |
| B.5. | Сатҳи таҳсилоти шумо чӣ гуна аст? (баландтарин сатҳи таҳсилоте, ки ба анҷом расондаед) | 1. Ман таҳсил накардаам<br>2. Таҳсилоти миёнаи нопурра (синфи 9)<br>3. Таҳсилоти миёнаи пурра (синфи 11)<br>4. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ<br>5. Таҳсилоти миёнаи касбӣ-техникӣ<br>6. Дараҷаи бакалаврӣ<br>7. Дараҷаи магистрӣ<br>8. Номзади илм<br>9. Таҳсилоти олӣ<br>10. Курсҳои кӯтоҳмуддат<br>11. Дигар _______________ |
| B.6. | Чанд кӯдаки то 18 сола дар оилаи шумо зиндагӣ мекунад? | |

**C.7. Синну соли кӯдакон**

| Гурӯҳҳои синну сол | Шумора | Ҷинс | | Кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Писар | Духтар | Писар | Духтар |
| То 1 сола | | | | | |
| 1-4 сола | | | | | |
| 5-9 сола | | | | | |
| 10-13 сола | | | | | |
| 14-17 сола | | | | | |

| C. Муҳити оила ва ғамхории эҳтимолӣ | | |
|---|---|---|
| | | |
| C.1. | Оё дар оила кӯдаконе ҳастанд, ки падару модаронашон/муҳоҷирон онҳоро дар зери назорати хешовандон гузоштаанд? | 1. Ҳа<br>2. Не |
| C.2. | Шумо чӣ гуна ба вазъи молиявии оила, қабл аз рафтани коргари муҳоҷир ба хориҷа, баҳо медиҳед? | 1. Вазнин<br>2. Миёна<br>3. Хуб<br>4. Дигар _______________ |
| C.3. | Ба фикри шумо, оё вазъи иҷтимоиву иқтисодии кӯдакон дар натиҷаи муҳоҷирати падару модарон беҳтар шуд ё бадтар? | 1. Бадтар шуд<br>2. Каме бад шуд<br>3. Хеле бадтар шуд |
| C.4. | Оё муҳоҷирони меҳнатӣ дар натиҷаи пандемияи КОВИД-19 ба ватан баргаштанд? | 1. Ҳа<br>2. Не |
| C.5. | Оё муҳоҷири меҳнатӣ ба оила пул мефиристод? | 1. Ҳа<br>2. Не. **Ба C6 гузаред** |
| C.5.1. | B5.1. Агар ҷавоб ҳа бошад, чанд маротиба дар як моҳ? | 1. Як маротиба дар як моҳ<br>2. Ду маротиба дар як моҳ<br>3. Ман ҷавоб додан намехоҳам<br>4. Дигар _______________ |
| C.6. | Оё оила барои пушти сар кардани пандемия пасандоз дошт? | 1. Он барои зиндагӣ кардан дар тӯли камтар аз як моҳ кофӣ буд<br>2. Он барои зиндагӣ кардан то 3 моҳ кофӣ буд<br>3. Он барои зиндагӣ кардан то 6 моҳ кофӣ буд<br>4. Пасандоз надоштем |
| C.7. | Оё аъзоёни оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар натиҷаи пандемия ҷойи кори худро аз даст доданд? | 1. Ҳа<br>2. Не. **Ба C8 гузаред** |
| C.7.1. | Агар чунин бошад, оё муҳоҷирон нақша доранд, ки ба Тоҷикистон баргарданд? | 1. Ҳа<br>2. Не<br>3. Онҳо аллакай баргаштанд |
| C.8. | Дар давраи пандемия, оё шумо фарзандони худро аз рафтан ба ҷое, ки онҳо мехостанд, манъ мекардед? | 1. Ҳа<br>2. Не. **Ба C9 гузаред** |
| C.8.1. | Агар ҷавоб ҳа бошад, ҳар чанд вақт пас? | 1. Хеле зуд-зуд<br>2. Баъзан вақт<br>3. Гоҳ-гоҳ<br>4. Дигар _______________ |
| C.9. | Дар давраи пандемия, оё шумо тамоси ҷисмонии фарзандони худро бо дигар одамон маҳдуд мекардед? | 1. Ҳа<br>2. Не. **Ба C10 гузаред** |

| | | |
|---|---|---|
| C.9.1. | Агар ҷавоб ҳа бошад, то кадом дараҷа? | 1. Хеле зуд-зуд<br>2. Баъзан вақт<br>3. Гоҳ-гоҳ<br>4. Дигар_____________ |
| C.10. | Эҳтиёҷоти ҷории худро вобаста ба эҳтиёҷоти ҷории пандемия номбар кунед | 1. Норасоии хӯрока ва маводҳои зарурӣ<br>2. Масъалаҳои равониву иҷтимоии вобаста ба пандемия<br>3. Қатъ шудани интиқоли маблағҳо<br>4. Норасоии пул барои харидорӣ кардани баъзе доруворихо<br>5. Мушкилоти тандурустии кӯдакон<br>6. Набуди имконияти кор барои падару модарон<br>7. Норасоии маблағ барои пардохт кардани қарз<br>8. Норасоии маблағ барои пардохт кардани пули таҳсил<br>9. Дигар _______________ |
| C.11. | Оё дар давраи пандемия хонаводаи шумо ё ягон узви хонаводаи шумо кумак дарёфт кардааст (пул, хӯрока, доруворӣ, бастаҳои гигиенӣ ва ғ.)? | 1. Ҳа, мо аз ҳукумат кумак гирифтем<br>2. Ҳа, мо аз СҒҲ гирифтем<br>3. Ҳа, аз шахсони алоҳида/оилаҳо ва/ё ширкатҳои хусусӣ<br>4. Не, мо ҳеҷ гуна кумак нагирифтем. **Ба D1 гузаред.** |
| C.12. | Шумо чӣ навъ кумак гирифтед? | 1. Кумак дар шакли пули нақд<br>2. Хӯрока<br>3. Доруворӣ<br>4. ВМШ (дастпӯшак,ниқоби тиббӣ, маҳлулҳои антисептикӣ ва ғ.).<br>5. Маводҳои гигиенаи шахсӣ<br>6. Ҳеҷ гуна<br>7. Ман намедонам |
| C.13. | Шумо дар бораи расонидани кумак аз куҷо фаҳмидед? | 1. Аз кормандони идораҳои давлатӣ<br>2. Аз хешовандон, дӯстон, ҳамсояҳо<br>3. Аз воситаҳои ахбори омма<br>4. Аз шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook, Instagram)<br>5. Дигар _______________ |

| D. Хизматрасониҳои асосии тиббӣ | | |
|---|---|---|
| | | |
| D.1. | Оё аз муассисаи тиббӣ ё расонандагони ёрии тиббӣ ба шумо занг заданд, то ки дар бораи саломатии шумо ва фарзандатон маълумот ба даст оранд? | 1. Ҳа<br>2. Не |
| D.2. | Оё ягон узви оилаи шумо дар давраи пандемия бемор шуд? | 1. Ҳа<br>2. Не. **Ба D7 гузаред** |
| D.3. | Агар ҷавоб ҳа бошад, кадом узви оила бемор шуд? | 1. Модар<br>2. Падар<br>3. Фазандон<br>4. Дигар_____________ |
| D.4. | Дар давраи пандемия шумо барои ба даст овардани ёрии тиббӣ ба куҷо муроҷиат кардед? | 1. Дармонгоҳ<br>2. Беморхона<br>3. Оила/табибони минтақа<br>4. Табиби хусусӣ<br>5. Ба ҳеҷ ҷой муроҷиат накардам. **Ба D6 гузаред**<br>6. Дигар_____________ |
| D.5. | То кадом андоза шумо аз сифати хизматрасониҳое, ки дар даврави пандемия пешниҳод шуданд, қаноатманд ҳастед? | 1. Пурра қаноатманд ҳастам. **Ба D8 гузаред**<br>2. Қаноатманд ҳастам. **Ба D8 гузаред**<br>3. На он қадар қаноатманд ҳастам<br>4. Пурра қаноатманд нестам<br>5. Дигар _______________ |
| D.6. | Агар шумо аз сифати хизматрасониҳои тиббӣ қаноатманд набошед, пас аз кадом ҷиҳат розӣ нестед? | 1. Табибон бемориҳоро ба сабаби пандемия қабул намекарданд<br>2. Табиб/муассисаи тиббӣ дархости маро барои омадан ба хонаам ва муоинаи фарзандам рад кард<br>3. Набуди муассисаҳои махсуси тиббӣ<br>4. Муносибати дағалона аз ҷониби кормандони тиббӣ<br>5. Даст кашидан аз муолиҷаи фарзандам аз КОВИД-19<br>6. Гирифтани пули аз ҳад зиёд<br>7. Бесалоҳиятии табибон<br>8. Дигар _______________ |
| D.7. | Моҳи гузашта барои доруворӣ чӣ қадар пул харҷ кардед? | 1. Тақрибан _____ сомонӣ<br>2. Ҷавоб додан бароям душвор аст<br>3. Ҳеҷ пуле харҷ накардам |
| D.8. | Оё ҳолате рух додааст, ки шумо аз муоинаи лозимӣ ва муолиҷа ба сабаби баланд будани нарх даст кашида бошед? | 1. Ҳа, маҷбур шудам муоинаи қиматро рад кунам<br>2. Ҳа, маҷбур шудам муолиҷаи қиматро рад кунам<br>3. Ҳа, маҷбур шудам дорувории қиматро |

| | | |
|---|---|---|
| | | рад кунам<br>4. Ҳа, маҷбур шудам машварати тиббӣ дар беморхонаи пулакиро рад кунам<br>5. Не, чунин ҳолат рух надодааст |

| **Е. Таҳсил ва фароғат** | | |
|---|---|---|
| | | |
| Е.1. | Дар кадом навъи муассисаи тиббӣ фарзанди шумо таҳсил мекунад? | 1. Муассисаи томактабӣ<br>2. Муассисаи умумии таҳсилоти миёна<br>3. Гимназия<br>4. Литсей<br>5. Мактаби махсус<br>6. Дигар _______________ |
| Е.2. | Оё фарзанди шумо дар давраи пандемия ба муассисаи таълимӣ мерафт? | 1. Ҳа<br>2. Не |
| Е.3. | Ба ҳисоби миёна, оилаи шумо барои таҳсили як фарзанд дар як моҳ чӣ қадар маблағ пардохт мекунад? | 1. _______________ сомонӣ<br>2. Ройгон. **Ба Е5 гузаред** |
| Е.4. | Оё дар давраи пандемия маблағи таҳсил афзоиш ёфт? | 1. Ҳа<br>2. Не |
| Е.5. | Шумо то кадом андоза аз сифати таълими миёнаи умумии фарзандонатон қаноатманд ҳастед? | 1. Амалан мавҷуд нест<br>2. На он қадар мавҷуд аст<br>3. Бештар мавҷуд аст<br>4. Пурра мавҷуд аст<br>5. Ман намедонам<br>6. Дигар_______________ |
| Е.6. | Дар давраи пандемия, оё шумо маҷбур шудед, ки ба сабаби мавҷудияти дигар эҳтиёҷоти фаврӣ дар хароҷоти таҳсили фарзандатон сарфаҷӯӣ кунед? | 1. Ҳа, маҷбур шудам камтар харҷ кунам<br>2. Не, мо барои таҳсил хароҷотро дареғ намедорем |
| Е.7. | Оё фарзанди шумо ба омӯзиши масофавӣ/таҳсили хонагӣ, ки аз ҷониби мактаб дар давраи пандемия ташкил шуда буд, машғул буд? | 1. Ҳа<br>2. Не |
| Е.8. | Оё фарзанди шумо таҷҳизоти шахсӣ дорад ё ба он дастрасӣ дорад, то ки ба воситаи он ба интернет пайваст шуда тавонад? | 1. Ҳа<br>2. Не |
| Е.9. | Оё фарзанди шумо мунтазам аз компютер/планшет/смартфон барои таҳсил дар давраи пандемия истифода мебурд? | 1. Ҳа<br>2. Не |
| Е.10. | Оё фарзанди шумо (фарзандони шумо) дар давраи пандемия шакли телевизионии дарсҳоро, ки Вазорати | 1. Ҳа<br>2. Не<br>3. Мо дар бораи он хабар надоштем |

| | | |
|---|---|---|
| | маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи Муассисаи давлатии телевизиони кӯдакону наврасон «Баҳористон» ташкил карда буд, истифода мебурд (мебурданд)? | |

| F. Кумаки ҳуқуқӣ | | |
|---|---|---|
| | | |
| F.1. | Оё оилаи шумо дар давраи пандемия ба кумаки ҳуқуқӣ эҳтиёҷ дошт? | 1. Ҳа<br>2. Не. **Ба F4 гузаред** |
| F.2. | Шумо барои дарёфти кумаки ҳуқуқӣ ба кӣ муроҷиат кардед? (2 ҶАВОБРО ИНТИХОБ КУНЕД) | 1. Ба милитсия<br>2. Ба прокуратура<br>3. Ба суд<br>4. Ба шӯъбаи ҳуқуқи кӯдак<br>5. Ба мушовири ҳуқуқӣ<br>6. Ба созмони ҳифзи ҳуқуқ<br>7. Ба шиносҳо<br>8. Дигар _______________ |
| F.3. | Ба шумо чӣ кумакҳо расонида шуд? | 1. Ман дар шакли машварат кумаки ҳуқуқӣ дарёфт кардам. **Ба F5 гузаред.**<br>2. Кумак дар шакли ҷамъоварӣ ва омода кардани ҳуҷҷатҳо. **Ба F5 гузаред.**<br>3. Кумаки ҳуқуқӣ барои ҳифзи манфиатҳои ман дар мақомоти гуногуни давлатӣ. **Ба F5 гузаред.**<br>4. Даъват кардани адвокат ба баррасии парванда дар суд. **Ба F5 гузаред.**<br>5. Дигар ________________. **Ба F5 гузаред.** |
| F.4. | Агар шумо барои дарёфти кумаки ҳуқуқӣ муроҷиат накарда бошед, чаро муроҷиат накардед? | 1. Мо медонем чӣ тавр мушкилоти худро ҳаллу фасл кунем<br>2. Мо барои пардохти ҳаққи хизмати адвокат пул надоштем<br>3. Ёфтани адвокати касбӣ душвор аст<br>4. Ҳангоми зарурат мо ба кӣ муроҷиат карданамонро намедонистем<br>5. Сабабҳои дигар ________ |
| F.5. | Оё шумо медонистед, ки ҳамаи хизматрасониҳои кормандони дафтари ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон, намояндагон ва қабулгоҳҳои он дар минтақаҳои кишвар, инчунин Ваколатдори ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутлақо ройгон мебошанд? | 1. Ҳа<br>2. Не<br>3. Мо дар оянда истифода мебарем |

| G. Чораҳои махсуси муҳофизатӣ бар зидди КОВИД-19 | | |
|---|---|---|
| | | |
| G.1. | Оё шумо дар бораи КОВИД чизе шунидаед? | 1. Ҳа<br>2. Не |
| G.2. | Шумо дар бораи КОВИД-19 аз куҷо огоҳ шудед? (ЗИЁДА АЗ 2 ҶАВОБ ИНТИХОБ НАКУНЕД) | 1. Интернет/шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook, Instagram)<br>2. Сомонаҳои расмии давлатӣ<br>3. Радио/телевизион/рӯзномаҳо<br>4. Хизматрасониҳо оид ба эълонҳо/баландгӯякҳо<br>5. Телефон (telegram, viber, WhatsApp, ё зангҳои телефонӣ)<br>6. Ассосиатсияҳо, дӯстон ва оила<br>7. Маркази тиббӣ/табиби оилавӣ<br>8. СҒҲ/созмони ҷомеаи шаҳрвандӣ<br>9. Дигар<br>10. Ман дар бораи КОВИД-19 чизеро намедонам |
| G.3. | Оё шумо ҳамарӯза барои ҳаммом кардан, шустани либосҳо ва дигар корҳои хона ба об дастрасии кофӣ доред? | 1. Ҳа<br>2. Не<br>3. Ман ҷавоб додан намехоҳам |
| G.4. | Оё шумо ҳамарӯза ба маҳлулҳои антисептикӣ дастрасии кофӣ доред? | 1. Ҳа<br>2. Не<br>3. Ман ҷавоб додан намехоҳам |
| G.5. | Оё шумо ҳамарӯза ба ниқобҳои тиббӣ дастрасии кофӣ доред? | 1. Ҳа. **Ба G7 гузаред**.<br>2. Не. **Ба G6 гузаред**.<br>3. Ман ҷавоб додан намехоҳам. **Ба G7 гузаред**. |
| G.6. | Агар ҷавоб не бошад, чаро надоред? | 1. Ниқобҳои тиббӣ дар дорухонаҳо фурӯхта намешаванд<br>2. Ман барои харидани ниқобҳои тиббӣ пул надорам<br>3. Ниқобҳои тиббӣ хеле қиматанд<br>4. Ман ниқоби тиббӣ пӯшидан намехоҳам<br>5. Ниқобҳои тиббӣ одамонро аз КОВИД-19 муҳофизат намекунанд<br>6. Дигар ________________________ |
| G.7. | Оё шумо аз ахбор, хатарҳо ва маҳдудиятҳои марбут ба коронавирус дилсард, афсурда ва ноумед шудед? | 1. На он қадар<br>2. Каме<br>3. Дар сатҳи миёна<br>4. Хеле<br>5. Аз ҳад зиёд |
| G.8. | Чӣ гуна пандемия ба иштироки фарзанди шумо дар машғулиятҳои | 1. Асосан дар муҳити табиат машқ мекунад |

| | | |
|---|---|---|
| | варзишӣ/ҷисмонӣ таъсир расонд? | 2. Асосан дар хона машқ мекунад<br>3. Кӯшиш мекунад аз машқҳои гурӯҳӣ дӯрӣ ҷӯяд<br>4. Дигар ба толори варзишӣ намеравад<br>5. Каме дар ҳавои кушод машқ мекунад/машқ карданро қатъ кард<br>6. Ба варзиш/машқҳо машғул шуданро қатъ кард |

# ЗАМИМАИ 2. САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМАРОНИҲОИ ГУРӮҲҲОИ ТАҲТИ ТАВАҶҶУҲ

Субҳ/рӯз ба хайр, номи ман ___________________________ аст. Мо дар ЮНИСЕФ кор мекунем (агар онҳо дар бораи ЮНИСЕФ надонанд, маълумоти мухтасар диҳед). Мо дар ин ҷо ба он хотир қарор дорем, ки фикру андешаи шуморо дар бораи КОВИД-19 ба кӯдакон ва наврасон фаҳмем. Иштирок ройгон аст ва шумо вазифадор нестед, ки ба ин саволҳо ҷавоб диҳед. Шумо метавонед дар ҳар замоне суҳбатро қатъ кунед. Маълумоти шахсии шумо фош карда намешавад ва маълумоти додашуда бе нишон додани ном таҳлил карда мешавад. Фикру андешаи шумо барои мо хеле арзишманд ва муҳим мебошад.

### Оё оғоз карда метавонем?

1. Мушкилоти асосие, ки шумо дар давраи пандемия ба онҳо рубарӯ шудед, кадомҳо буданд? Оё шавқу таваҷҷуҳи шумо дар давраи пандемия тағйир ёфт? Ба назари шумо, кадом усули муошират барои паҳн кардани маълумоти муҳим дар бораи КОВИД-19 дар байни кӯдакон ва наврасон беҳтар кор мекунад?
2. КОВИД-19 ба вазъи молиявии шумо чӣ гуна таъсир расонд?
3. КОВИД-19 ба шумо чӣ гуна таъсир расонд? Оё шумо (ё ҳамтоёни шумо) дар давраи пандемияи ягон нишонаи тағйир ёфтани табъ ё афсурдагӣ ва тағйири ёфтани рафторро эҳсос кардед? Агар ҷавоб ҳа бошад, пас чӣ гуна тағйиротро эҳсос кардед?
4. Шумо дар давраи пандемия барои дарёфти кумак ба кӣ муроҷиат кардед? Шумо дар дарвраи пандемия аз падару модар, пешвоёни ҷомеа, ходимони дин, ҳукумат ё СҒҲ чӣ гуна кумак гирифтед? Шумо дар давраи пандемия кадом навъи кумакро мехостед аз падару модар, пешвоёни ҷомеа, ходимони дин, идораҳои давлатӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ ба даст оред?
5. Оё шумо ба сабаби КОВИД-19 ба кор шурӯъ кардед? Агар ҷавоб ҳа бошад, дар куҷо, бо кӣ ва чанд соат?
6. Оё дар давраи пандемия ягон монеа барои дастрасии шумо ба ёрии тиббӣ вуҷуд дошт? Агар ҷавоб ҳа бошад, кадом намуди монеаҳо вуҷуд доштанд?

7. Оё дар давраи пандемия шумо ба мактаб рафтанро қатъ кардед? Агар ҷавоб ҳа бошад, чаро?

8. Шумо то кадом андоза аз чораҳое, ки давлат дар давраи пандемия барои муҳофизат шумо аз КОВИД-19 андешид, қаноатманд ҳастед?

юнисеф
барои ҳар як кӯдак

enoc
European Network of Ombudspersons for Children